**Муҳаммадии Навид**

# САДУ ЯК
# ҲАДИСИ НАБАВӢ

**(бо шарҳу басти манзум)**

# ВА
# ТАЪЛИҚОТ

**Душанбе 2009**

**Бо умеди савоб ва омурзиш ба рухҳи орамидаи падар ва модари бузургворам**

**Номи китоб: 101 ҳадиси набавӣ**

**Муаллиф: Муҳаммадии Навид**

**Мураттиб: Муҳаммадсиддиқи Комил**

**Ҳуруфчин Абдулмаҷиди Муҳаммадӣ**

**Китоб дар матбааи ________паёми ошно______**
**бо теъдоди ____100___ нусха ба нашр расидааст.**
**Коғаз ва чопи офсетӣ, андозаи 60x90**

بسم الله الرحمن الرحيم

**Бисми ллоҳи рраҳмони рраҳим**

## Пешгуфтор

Чун нек дидам корвони умр аз нима бештари марҳилаи зиндагиро паймуда буд ва ба гӯши ҷонам ҳар лаҳза бонги раҳил ва нидои алвидоъ ва алфироқ мераснд. Ба худ андешидам, дар ин роҳи мушкил чӣ тӯшае ҳамроҳ дорам ва чӣ бизоате бо худ, то дархӯри пешкаш ба даргоҳи бениёзи он Худованди банданавоз бошад. Дар тоату бандагӣ аз худ он дидам, ки боиси шармандагӣ буд ва аз гуфтору кирдори нек он андоза, ки мояи сарафкандагӣ.

Вале чун ба дил назар кардам моломолаш аз имону бовар ва саршораш аз муҳаббату ихлос ёфтам, ки миннат мар Худойрост. Ва он чи дар назму тарҷумаи аҳодиси набавӣ аз дилам ҷушиду аз забона таровид ва чун ҳарф рӯи сафҳа чакид, меваи он дарахтест, ки номаш ҳам имон ва ҳам иҳсон ва ҳам муҳаббату ихлос аст ва ин ҳам аз бахшоиши Ӯ таъолост. Пас сипосу ситоиш мар Худованди бахшандаро, ки тавфиқам дод, то бадин васила суханони гуҳарбори Паёмбари акрамро баъди тарҷума дар чаҳор мисраъ шарҳу тафсир карда бошам. Аз ин рӯ хонандаи гиромӣ набояд дар ману гуфтори ман нигарад ва чун тарҷума аз ман аст, шояд чизаке набошад, вале бояд бингарад, ки аз кӣ гуфтам. Дар ин ҳангом маълумаш мегардад, ки ин гуфтаҳо волотару болотар аз дурру гавҳаранд, чунки суханони поки Паёмбаранд (с). Аз аҳодис онро баргузидам, ки бо санади саҳеҳ дар яке аз «Сиҳоҳи ситта» бо исми ровиён то мо расида ва ҳамзамон дархӯри ин замона ва оммулманфиатанд, бо овардани

рақами аҳодис. Асосан аз «Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ» таълифи Имом Зайнуддин Аҳмади Зубайдӣ бо тарҷумаи Абдурраҳим Фирӯзи ҳиравӣ ва «Риёзуссолиҳин» мураттиб Имом Муҳиддин Абузакарийё Яҳё ибни Шарафи Нававӣ истифода кардам.

Зимнан ёдовар мешавам, ки тарҷумаи ин ду китоби мӯътабар аз нуқсон холӣ нест ва дар шарҳи баъзе аз аҳодис номафҳумӣ ва бисёргӯиро дидам ва то ҷое дар тасҳеҳи онҳо кушидам.

Ва чун суханони гавҳарбори Расули акрам (с) ҷавомеъул килам ва саҳли мумтаниъанд, дар ду байт дар баробари тарҷума ба шарҳу басти онҳо низ пардохтам. Маълуми азизон буда бошад, ки назм шарҳу эзоҳ аст на тарҷумаи таҳтуллафз ва ин низ маълум аст, ки аҳодиси Расули акрам (с) тафсири амалии Қуръони кариманд, зеро хулқи Паёмбар (с) Қуръони карим буд. Аз ин рӯ сари онҳо тафаккур ва тааммули ҷиддӣ бояд кард, то ба дарки амиқи онҳо бирасем ва бо корбасти онҳо саъодати дунё ва охират насибамон гардад. Аммо истинботи аҳкоми шаръӣ аз Қуръон ва аҳодис ба муҷаррради қироати ин ду манбаъ душвор аст ва моро чорае нест ба ҷуз ин ки пайравӣ аз муфассирин ва муҷтаҳидини кирому имомони фиқҳ, ба хусус аз мактаби фиқҳии Имоми Аъзам (р) намоем. Зеро онҳо буданд, ки бо тазкияи нафс, тасфияи қалб ва иншироҳи садр расида буданд ва ин аз фазли илоҳист, ки ба ҳар ки хоҳад бидиҳад. Вобаста ба ин асли муҳим дар ин маҷмуа он гуна аҳодисро гирд овардам, ки бо сароҳати лафзу маъно баёнгари усул ва фурӯъи собита, ахбори содиқа, фазоили аъмол ва ахлоқи мусалмонон ва омаи башар буда, ҳама фирақу мазоҳиб рӯи онҳо иттифоқи назар

доранд. Дар охири ин китоб таъликотеро афзудам, аз маҷмуаи ашъор дар мавзӯъоти гуногун. Бо ин сабаб, ки андактарашон аз он дидам, ки дар китоби алоҳидае нашр амоям ва тарсам аз он буд, ки дар авроқи парешон бидуни нашр талаф ва зоеъ шаванд. Шояд барои хонандаи закӣ ва андешаманд аз фоида холи набошанд. Ҳарончи аз печидагӣ ва норӯшанӣ дар онҳо дарёбанд, ба парешониву ошуфтагии манаш во гузоранд. Аз хонандаи гиромӣ дар ҳоли дарёфти иштибоҳу саҳве чашми гузашту бахшиш ва умеди дуъо до-рам.

**Бо эҳтиром Муҳаммадии Навид**

## ТАҲМИД

Ҳамд мар ӯро, ки варои варост,
Баъди варо пойгаҳи кибриёст.
Ҳамд мар ӯро, ки сазовор Ӯст,
Дар ду ҷаҳон довару додор Ӯст.
Зоти вай аз чандиву чунӣ бурун,
Ақл зи идроки сифоташ забун.
Боргаҳаш соҳати афкор не,
Рози паси парда падидор не.
Гар набувад лутфи амимаш ба ман,
Баста шуди роҳи баён аз сухан.
Гар набувад муждаву пайғоми Ӯ,
Робитаи завқ ба илҳоми Ӯ.
Дарби сухан бар рухи мо баста буд,
Хотираҳо суст буду хаста буд.
Гар набуди изн ба иншои мо,
Пур зи ғалатҳо буди имлои мо.
Маънии ғайбаст ба дил ҷо шуда,
Рози ниҳонест ҳувайдо шуда.
Дил чӣ бувад, манбаъи асрои Ҳақ,
Оинадорест зи дидори Ҳақ.
Маънӣ зи дил чун биравад то забон,
Нуктаи сарбаста бигардад аён.
Чист забон, шориҳи оёти дил,
Рӯшан аз ӯ гашта ривоёти дил.
Пас сухан аз мову на аз мо бувад,
Гарчи заминист, зи боло бувад.
Роҳи дигар аз дили мо то қалам,
Ҳарфи дил аст он чи қалам зад рақам,
Гар набудӣ нақши қалам дар ҷаҳон,
Гум шуди зикри ҳамаи рафтагон.
Ин набувад бас зи мақоми қалам,
Нақш ба Қуръон шуда номи қалам.
Пас ману ту бо қаламу бо забон,
Мисли сафирем зи дил бегумон.

Гар дили мо софӣ бувад, ҳарф соф,
Варна суханҳо ҳама лофу газоф.
Гарчи сафо аз қадару аз қазост,
Майл зи мо ҷозиби лутфи Худост.
Мо қадарӣ не, ҷабарӣ ҳам наем,
В-аз қадару ҷабр барӣ ҳам наем.
Майл, ки гуфтем ҳамон ихтиёр,
Майли ту дар неку бадаст ошкор.
Баста ба майл аст ҳама хайру шар,
Майли бадӣ сӯи накӯӣ бибар.
Нек шавад то ки саранҷоми мо,
Фирқаи ноҷия бувад номи мо.

**Муҳаммад раҳмате бар оламин аст,**
**Имоми аввалину охирин аст.**

## ОҒОЗ

**Ҳадиси 1 (Саҳеҳи Бухорӣ 71)**

Аз Анас (р) ривоят аст, ки ПаёмбариХудо (с) фармуданд: «Аз аломоти қиёмат ин аст, ки илм аз байн биравад ва ҷаҳлу нодонӣ ҷойгузини он гардад, шаробхӯрӣ ривоҷ ёфта, зино мунташир шавад.

Аз аломоти қиёмат эй фато,
Рафтани илм аст бе чуну чаро.
Ҷои он ҷаҳлу бағоват ҷогузин,
Боданӯшиву зинову зулму кин.

**Ҳадиси 2 (23)**

Аз ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармуданд: «Шарм ва ҳаё доштан аз имон аст»

Инчунин гуфта Расули муҷтабо:
Шарм аз имон бувад эй булвафо.
Чун ҳаё аз қуввати имон бувад,
Беҳаё бебаҳра аз иҳсон бувад.

**Ҳадиси 3 (31)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: « Аломати шахси мунофиқ се чиз аст; чун сухан бизанад дуруғ бигӯяд ва чун ваъда бидиҳад хилоф варзад ва чун ба ӯ амонате гузошта шавад хиёнат бикунад».

Аз аломоти нифоқ эй булҳасан,
Се чиз омад ар бигардад мумтаҳан.
Ҳарки бошад козибу ваъдахилоф,
Ҳам хиёнатпешаи пурмакру лоф.

**Ҳадиси 4 (45)**

Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Дашном додани мусалмон фисқ ва ҷанг кардан бо вай куфр аст»

Ин сухан аз он расули муттақист,
Лаъну дашном баҳри мӯъмин фосиқист.
Бо мусалмон ҳарки ҷангад аз ҳасад,
Буи имон бар машомаш кай расад!

**Ҳадиси 5 (90)**

Аз Алӣ (к) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фамуданд: « Аз забони ман дурӯғ магуед. Ва касе, ки аз забони ман дурӯғ бигӯяд, ҷои худро дар оташи дӯзах омода намудааст»

Гуфт Пайғамбар, ки эй соҳибдилон,
Аз ман ончиро шунидед бегумон,
Бо дурӯғ онро маолоед ҳон!
Варна дӯзах мешавад маъвоятон.

**Ҳадиси 6 (669)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: « Дар бурдани ҷаноза шитоб намоед. Агар некукор бошад, насибаш хайру некуист ва ӯро зудтар ба он хайр мерасонед. Ва агар чунин набошад, шарреро аз дӯши худ ба замин мегузоред»

Инчунин гуфта Расули мустатоб,
Дар ҷаноза зуд бошед бошитоб.
Нек бошад ӯ ба некӣ мерасад,
Вар бувад бад з-ӯ халоиқ мераҳад.

**Ҳадиси 7 (680)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Ҳар тифле ба имони фитрӣ ба дунё меояд. Пас падару модар он тифлро ё яҳудӣ ё насронӣ ё маҷусӣ бор меоранд».

Ҳар кадом тифле, ки зода мешавад,
Бар ҳамон имони фитриӣ мебувад.
Пас абавайн ё яҳудиш мекунанд,
Ё насоро ё маҷуси нописанд.

**Ҳадиси 8 (701)**

Аз Оиша (р) ривоят аст, ки гуфт Паёмбари Худо (с): «Мурдагонро дашном надиҳед, зеро ишон ба кайфари аъмоли худ расидаанд».

Гуфт Пайғамбар, ки ҳон бар мурдагон!
Ҳеҷ бо дашном макшои забон.
Тухми аъмол ҳарчиро пошидаанд,
Ҳосили он киштаҳо барчидаанд.

**Ҳадиси 9 (111)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Уммати ман рӯзи қиёмат дар ҳоле, ки аз асари вузу нур аз сару рӯяшон медурашад нидо мешаванд. Ва касе хоҳад, ки нур ва дурахшоиши худро зиёда бикунад, бикунад».

Гуфт Паёғамбар, ки рӯзи имтиҳон,
Нур мерезад зи рӯи умматон.
Ин ҳама аз обдасту аз вузуст,
Ҳар ки мехоҳад зиёда кори ӯст.

**Ҳадиси 10 (63)**

Анас (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят мекунад, ки фармуданд: «Осон бигиред ва сахтгирӣ макунед. Мардумонро дилгарм созед ва гурезон масозед».

Гуфт Пайғамбар, ки осонӣ гузин,
Сахтгирӣ кай бувад дар кори дин?
То расони мужда аз лутфи Худо,
Шодиафзо бош не нафратфизо.

**Ҳадиси 11 (62)**

Аз ибни Масъуд (р) ривоят аст, ки гуфт «Паёмбари Худо моро дар рӯзҳои (вақтҳои) муносиб мавъиза мекарданд, то мабодо хаста ва дилгир нашавем».

Мардумонро чун бигӯи ваъзу панд,
То бигардад ваъзу пандат дилписанд.
Пур магӯ ҳам ҷои гуфтанро бидон.
Варна ҳарфат ҷои суд орад зиён.

**Ҳадиси 12 (2040)**

Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Худованд золимонро мӯҳлат медиҳад, вале аз азобаш наҷот намеёбанд».

Он худованде, ки миннат мениҳад,
Золимонро гарчи муҳлат медиҳад,
Хонаи золим хароб аст оқибат,
Ҷони ӯ андар азоб аст оқибат.

**Ҳадиси 13 (2201)**

Аз Маъқил ибни Ясор (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҳар касе, ки сарпарастии раъиятро ба ӯҳда бигирад ва таваҷҷуҳе ба ҳоли онҳо нанамояд бӯи ҷаннатро намеёбад»

Ҳар кӣ бошад сарпарасти мардумон,
Бетаваҷҷӯҳ бошад аз аҳволашон.
З-инчунин рафтору аз кирдори бад,
Бӯи ҷаннат бар машомаш кай расад?!

**Ҳадиси 14 (2230)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ду калима аст, ки дӯстдошташудаанд назди Раҳмон, сабӯканд бар забон ва гаронанд дар мизон; Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи, Субҳоналлоҳилъазим».

Ду иборат ҳаст осон бар забон,
Назди Ҳақ маҳбубу дар мизон гарон.
Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи,
Субҳоналлоҳилъазим баъд аз он.

**Ҳадиси 15 (2211)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҳеҷ кас маргро орзӯ накунад, зеро агар некӯкор бошад, шояд накӯияш афзун гардад ва агар бадкор бошад, шояд аз он даст бикашад».

Орзӯи марг нанмоед ҳон!
Зиндагиро ҳикмате бошад ниҳон.
Некӣ афзояд агар некӯ бувад,
Бад бувад, шояд, ки некӯ мешавад.

**Ҳадиси 16 (2170)**

Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: « Касе, ки бар зидди мо силоҳ бардорад аз мо нест».

Ҳар ки бардорад силоҳ бар ҷони мо,
Мо на аз ӯему ӯ аз они мо.
Ҳам забон бошад силоҳу даст ҳам,
Ҳарфи нохубе, ки ояд аз қалам.

**Ҳадиси 17 (2223)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Чун Худованд ҷаҳонро офарид дар китобе чунин навишта бар Арш ниҳод: Раҳмати ман бар ғазабам ғолиб аст».

Чун Худо фармуда дар рӯзи аласт,
Раҳматам бар хашм ғолиб омадаст.
Пас машав навмед аз лутфу атош,
Ҳамчунин аз хашми ӯ эмин мабош.

**Ҳадиси 18 (1951)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касеро, ки Худованди мутаъол барояш иродаи хайр дошта бошад, гирифтораш ба андӯҳу душвориҳо гардонад».

Чун Худо хоҳад накӯӣ бар касе,
Медиҳад ранҷу мусиббатҳо басе.
Зоҳиран ранҷ асту дар маъни атост,
«З-ин сабаб ағлаб бало бар анбиёст».

**Ҳадиси 19 (1956)**

Аз Ҷобир (р) ривоят аст, ки фармуданд: «Ҳангоме бемор будам Паёмбари Худо (с) бар аёдатам омаданд на бар харе савор буд ва на бар асбе (пиёда)».

Ҷобир ибни Абдуллаҳ бемор буд,
В-он расули босафо он кони ҷуд.
Рафт бо пои пиёда диданаш,
Ҷон фидои ҳар қадам барчиданаш.

**Ҳадиси 20 (2046)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мӯъмин аз як сурох ду бор газида намешавад».

Гар зи сӯрохе, ки море мехазид,
Ногаҳ ангушти мусалмоне газид.
Гар дубора дасти худ он ҷо ниҳад,
Нест дар дунё касе з-ӯ бехирад.

**Ҳадиси 21 (2137)**

Аз Имрон ибни Ҳусайн ривоят аст, ки гуфт: «Шахсе пурсид ё Расулаллоҳ (с) оё аҳли ҷаннат ва дӯзах дар илми Худо аз азал шинохта шудаанд? Паёмбар (с) гуфт: Бале. Гуфт: Пас амалҳо ба чӣ кор оянд? Фармуданд: Ҳар кас ҳамон кореро мекунад, ки барои он офарида шудааст. (ҳар кас он кореро мекунад, ки борояш осон аст, яъне амал нишонаи некӣ ва ё бадии мӯъмин аст).

Гуфт Пайғамбар, ки дар илм Худо,
Дӯзахиву ҷаннатӣ гашта ҷудо.
Пас ҳама рафтори мо аз неку бад,
Ҳам бар ину он гувоҳӣ медиҳад.

**Ҳадиси 22 (2116)**

Аз Ҷундуб (р) ривоят аст, ки гуфт Паёмбари Худо (с): «Касеро, ки амалашро ба қасди шӯҳрат анҷом медиҳад ва дар гуфтору рафтораш риё меварзад. Худованд рӯзи қиёмат расвояш месозад ва аъмоли пинҳонашро барои мардум ошкоро мегардонад».

Ҳар киро андар амал бошад риё,
Кай бувад мақбули даргоҳи Худо?!
Дар қиёмат зору музтар мешавад,
Оқибат расвои маҳшар мешавад.

**Ҳадиси 23 (2112)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ба касе назар кун, ки аз ту поинтар аст (аз рӯи молу доройӣ) на ба касе, ки аз ту болотар аст».

Чун бидидӣ аз худат болотаре,
Аз ту поинтар бувад ҳам дигаре.
Гар ту ҳасрат мехурӣ к-онон саранд,
Дигарон ҳам бар ту ҳасрат мехуранд.

**Ҳадиси 24 (2110)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармудаанд: «Дӯзах бо хушгузарониҳо ва раҳгузори биҳишт бо сахтиву душвориҳо печонида шудааст».

Гар ҳамехоҳи ту аз дӯзах амон,
Хоҳишоти нафсро аз худ бирон.
Вар ҳамехоҳӣ ту ҷанноти барин,
Ҳар чи бар нафсат гарон ояд, гузин.

**Ҳадиси 25 (2107)**

Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, Расули Худо (с) фармуданд: «Ҳар ки гуноҳ накарданро бо забон ва фарҷаш (андоми ниҳонӣ) бароям зомин гардад, ман барояш биҳиштро замонат медиҳам».

Гуфт Пайғамбар, ки ҳар кӣ аз гуноҳ,
Дур медорад забону шармгоҳ.
Ман, ки дар маҳшар шафиъи умматам,
Бурдани ӯ то биҳишт дар зимматам.

**Ҳадиси 26 (2105)**

Аз Оиша (р) ривоят аст, ки касе аз Паёмбари Худо (с) пурсид: «Кадом амал назди Худованд маҳбубтар аст? Фармуданд: Амали неке, ки давомдор бошад, агарчи андак бувад».

Гуфт Пайғамбар, ки ҳар кор накӯ,
Гарчи андак бошаду андар нуму.
Дархури даргоҳи раббонист он,
Чун зи эҳсосоти имонист он.

**Ҳадиси 27 (2095)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касеро, ки Худованд 60 сол умр додааст барояш итмоми ҳуҷҷат намудааст (яъне ҳама ҳуҷҷатро барои шинохти Ҳақ барояш додааст)».

Ҳар киро умраш расида то ба шаст,
Ҳақ бар ӯ итмоми ҳуҷҷат кардааст.
Чу ки дар ҳадди шинохти роҳи Ҳақ,
Шасти умрат кофӣ бошад аз сабақ.

**Ҳадиси 28 (1437)**

Аз Абумӯсо (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки Худоро зикр мекунад ва касе, ки зикр намекунад монанди шахси зинда ва мурдаанд».

Ҳар ки бошад дур аз зикри Худо,
Зинда набвад, мурдааш хон эй фато!
Ҷони ӯ мурдасту ӯ дар фикри тан,
Зиндагӣ аз ҷон бувад, не аз бадан.

**Ҳадиси 29 (2030)**

Аз Абузар (р) ривоят аст, ки расули Худо (с) фармуданд: «Касе, ки дигареро ба фисқ ва куфр муттаҳам месозад, агар он шахс чунин набошад, фисқу куфр ба гуянда бармегардад».

Гар намуди ҷомаи тақво ба бар,
Исми фисқу кофарӣ бар кас мабар.
Гар барӣ бошад зи фисқу кофорӣ,
Пас ҳамон кофар ту бошӣ ӯ барӣ.

Чунки мӯъмин оинай мӯъмин бувад,
Кас чаро бо оина бадбин бувад.
Чашми бад суи касон во мекунӣ,
Акси худ дидиву ғавғо мекунӣ.

**Ҳадиси 30 (2032)**

Аз Ҳузайфа (р) ривоят аст, аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки фармуданд: «Суханчин ба ҷаннат дохил намешавад».

Чун худо фармуааст андар «Масад».
Аз ҳадиси Мустафо ҳам мерасад.
Ки суханчин мисли ҳезумкаш бувад,
Оқибат худ ҳезуми оташ бувад.

**Ҳадиси 31 (2044)**

Аз Абумасъуди Ансорӣ (р) ривоят аст, аз Паёмбари Худо (с) фармуданд : «Чизеро, ки мардум аз паёмбарони гузашта ба ёд доранд, ин аст, ки « вақте шарм намедорӣ, ҳар чи мехоҳи бикун».

Ин суханро ёд доранд мардумон,
Ки расида аз дигар пайғамбарон.
Гавҳари шарм ар надорӣ дар вуҷуд,
Пас бикун ҳар ончи хоҳи эй ъануд.

**Ҳадиси 32 (2020)**

з Ҷарир ибни Абдуллоҳи Баҷалӣ (р) ривоят аст, Расули Худо (с) фармуданд : «Ҳар ки ба дигарон раҳм накунад, мавриди раҳмати Худованд қарор намегирад».

Дар ривоят омада аз Мустафо:
Ҳар ки н-орад раҳм бар халқи Худо.
Ӯ ба ҷони худ ҳама бад мекунад,
Раҳмати Ҳақро зи худ рад мекунад.

**Ҳадиси 33 (1837)**

Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд : «Баъди риҳлати худ барои мардон фитнаеро зарарноктар аз зан намебинам».

Гуфт Пайғамбар, ки чун аз ин ҷаҳон,
Бигзарам бас фитнаҳо гардад аён.
Баҳри мардон аз бадиҳои дигар,
Фитнаи занро зарарҳо бештар.

**Ҳадиси 34 (1827)**

Аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, Паёмбари Худо (с) фармуданд : «Қуръонро то вақте бихонед, ки дили шумо ба он майл ва завқ дошта бошад. Чун хаста шудед, аз хонданаш сарфи назар намоед».

Гар ту Қуръонро қират мекунӣ,
«Хонаи динро иморат мекунӣ».
Бо қироат завқро ҳамроҳ кун,
Хаста гардӣ хонданаш кӯтоҳ кун.

**Ҳадиси 35 (1818)**

Аз Ӯсома (р) ривоят аст, Паёмбари Худо (с) фармуданд : «Беҳтарини шумо касест, ки Қуръонро биомӯзад ва ба дигарон биомӯзонад».

Гуфт Пайғамбар, ки беҳини шумо,
Он ки бо Қуръон бувад ӯ ошно.
Дигаронро низ таълим додааст.
Зин сабаб раҳ бар саъодат бурдааст.

**Ҳадиси 36 (1787)**

Аз Алӣ ибни Абутолиб (р) ҳамроҳ бо Зубайр ва Миқдод (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд : «Эй мусалмонон! Душманони ман ва душманони Худоро барои худ дӯст магиред»!

Ин ривоят аз Паёмбар омадаст,
Ҳам ба Қуръони карим ин қавл ҳаст.
Душманонро дӯст бигзидан хатост,
Хоса он кӯ душмани дини Худост.

**Ҳадиси 37 (1491)**

Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд : «Беҳтарини шумо хушахлоқтарини шумост».

Чун Паёмбар буда бо хулқи азим,
Бо шаҳодоти Худованди карим.
Пас чунин фармуд: беҳини шумо,
Он ки бошад хулқу хуяш босафо.

**Ҳадиси 38 (1428)**

Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд : «Масали ман бо мардумон монанди шахсе ҳаст, ки оташе барафрӯхта аст ва парвонаву ҳашароти дигар худро дар оташ меафкананд, ҳарчанд ман ишонро боз медорам».

Гуфт Аҳмад –он расули бебадал,
Оташе афрухтам аз рӯи масал.
Худ ба оташ мезанед парвонасон,
Ҳарчи кушиш меккунам дар манъатон.

**Ҳадиси 39 (1360)**

Аз Бароа (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) барои Ҳасон ибни Собит гуфтанд: «Мушрикинро ҳаҷв кун ва Ҷабраил бо туст».

Гуфт Пайғамбар ба Ҳассон к-эй фато,
Ҳаҷв мекун мушрикинро бар мало.
Шеъри ту баҳри худованд асту дин,
Ҳамъинони туст Ҷибрили амин.

**Ҳадиси 40 (1371)**

Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) рифоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд : «ҳангоме, ки инсон мемирад, ҷойгоҳаш субҳу шом барояш нишон дода мешавад, агар аз аҳли биҳишт бошад ё аз аҳли дӯзах».

Чун бимирад одамизод эй ахӣ,
Гар биҳиштӣ бошад ӯ ё дӯзахӣ.
Ҷойгоҳашро бубинад субҳу шом.
Хатм бинмудам суханро вассалом.

## МИҚОТ

Ашри зулҳиҷҷа ба поён мерасид,
Бо иноёти Худо бегоҳи ид.
Буд зи ҳиҷрат якҳазору чорсад,
Бистунуҳро ҷамъ кун бар ин адад.
Ноқаи фикрам расид дар ин мақом,
Чил ҳадисро назм бинмудам тамом.
Корвони ишқро миқотҳост,
Хоса дар роҳе, ки роҳи Мустафост.
Ҳар замонам мерасад бонги раҳил,
Ҳар чи дорам дар раҳаш созам сабил.
Ин ҳама фатҳу кушоиш аз Худост,
Баҳри мо шукр асту миннат мар варост.
Гар расад аз ғайб имдоди дигар,
Меравам з-инҷо ба меъоди дигар.

**Ҳадиси 41 (1325)**

Аз Хавлаи ансорӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо фармуданд: «Мардумоне ҳастанд, ки дар моли Худо бидуни ҳаққ тасарруф мекунанд ва дар рӯзи қиёмат ҷазои онҳо дузахаст»

Ҳар ки хонда аз шариат як сабақ,
Кай тасарруф мекунад дар моли ҳақ.
Лек ҳар ку ин амал пайдо кунад,
Дар ҷаҳаннам оҳу вовайло кунад.

**Ҳадиси 42 (1301)**

Аз Абумусо (р) ривоят аст, ки Расули Худо фармуданд: «Асиронро озод созед, гӯруснагонро нон бидиҳед ва беморонро хабар бигиред!»

Ҳар ки дар банде зи ғам озод кард,
Ё гӯрусна бо таъоме шод кард.
Ё ки беморро аёдат кардааст,
Дар савоби худ зиёдат кардааст.

**Ҳадиси 43 (1286)**

Аз Абумусо (р) ривоятаст, ки Паёмбари Худо фармуданд: «Вақте ки шахсе бемор мегардад, ва ё мусофир мешавад, барояш савоби он амалҳои некеро, ки дар ҳоли тандурустӣ ва муқим будан анҷом медод, навишта мешавад»

Ҳар мусулмонро, ки беморӣ расид,
Ё сафар карду зи қавми худ бурид,
Чун саломат ё иқомат некиҳош,
Сабт месозад Худованд аз барош.

**Ҳадиси 44 (1112)**

Аз Оиша (р) ривоятаст, ки Паёмбари Худо фармуданд: «Бадтарини мардумон назди Худованди Мутаъол шахси даъвогар ва арбадагар (ҷангҷолӣ) аст»

Бадтарини мардумон назди Худо,
Мардуми даъвогару пурмоҷаро.
Ин мукофотест бар гарданкашон;
Мебараншон то ҷаҳаннам кашкашон.

**Ҳадиси 45 (1116)**

Аз Анас (р) ривоятаст, ки Паёмбар (с) фармуданд: «Бародари мусалмонатро чи золимаст ва ё мазлум кумак намо! Пурсиданд: ё Расулаллоҳ! Кумак расондан ба мазлум бале, вале ба золим чи гуна кумак намоям? Фармуданд: ӯро аз зулм монеъ шав, кумакаш инаст»

Ҳар бародарро намо ёри ба ҷон,
Гар бувад мазлум ё аз золимон.
Дасти мазлум гиру бар золим бигӯ,
Аз ситам кутоҳ кун даст эй аму!

**Ҳадиси 46 (1117)**

Аз ибни Умар (р) ривоят аст, ки Расули Худо фармуданд: «Зулму ситам сабаби торикиҳо дар рӯзи қиёмат мешавад»

Ҳар қавидасте, ки ноз аз панҷа кард,
В-аз ситам дилҳои мардум ранҷа кард,
Зулмат аз зулмаш мураккаб мешавад,
Дар қиёмат рӯзи ӯ шаб мешавад.

**Ҳадиси 47 (988)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо фармуданд: «Замоне ба мардумон хоҳад омад, ки кас аҳамият надиҳад, ки молашро аз куҷо ба даст оардааст, аз ҳалол ва ё аз ҳаром»

Гуфт рӯзе он Расули хушбаён.
Мерасад аз гардиши давру замон,
Соате, ки мардум андар ҷамъи мол,
Бетафовут аз ҳарому аз ҳалол.

**Ҳадиси 48 (640)**

Аз Анас (р) ривоятаст, ки Паёмбари Худо фармуданд: «Ҳар мусулмонеро, ки се фарзандаш пеш аз булуғ вафот ёфта бошанд, Худованд бо фазлу раҳмати худ ба сабаби он фарзандон ӯро ба ҷаннат дохил хоҳад намуд»

Ҳар мусулмонро, ки се фарзанди хурд,
Марг омад аз қазо бо худ бибурд,
Дар бадал ёбад биҳишти ҷовидон,
Ӯ зи инъоми Худои меҳрубон.

**Ҳадиси 49 (618)**

Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо хондани чаҳор ракъат намоз пеш аз фарзи пешин ва ду ракъат намоз пеш аз фарзи намози субҳро тарк намекарданд.

Эй ки гӯи дӯст дорам Мустафо,
Пас сунатҳоро намехони чаро!?
Хоса он чоре, ки пеш аз пешинаст,
Ду пеш аз фарзи саҳар эй ҳақпараст.

**Ҳадиси 50 (556)**

Аз Оиша (р) ривоятаст, ки Паёмбари Худо ҳангоми боридани борон мегуфтанд: « Худоё! Ин боронро барои мо судманд бигардон.»

Чун ҳаметорид борон аз ҳаво,
Мустафо фармуди ай бори Худо!
Лутф бинмо қатраҳо гавҳар шаванд,
Абру борон манфиатовар шаванд.

**Ҳадиси 51 (502)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоят аст, ки Расули Худо фармуданд: «Мо агарчи охир
омадем, аз ҳама аввал мебошем»

Гуфт Аҳмад он расули муҳтарам,
Гарчи вопас омадем мо аз адам.
Лек аз рӯи фазилат афзалем,
Гарчи охир омадем ҳам аввалем.

**Ҳадиси 52 (989)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Раво нест барои зане , ки ба Худо ва рӯзи қиёмат имон дошта бошад, ин ки сафар кунад ба масофаи як шабонарӯз бидуни маҳрам (муттафақуналайҳ)

Ҳар зане, к-эмон дорад бар Худо,
Ҳам ба рӯзи охират, явмулҷазо,
Кай сафар созад бидуни маҳрамон!?
Бар масофай якшабурӯз эй фалон.

**Ҳадиси 53 (991)**

Аз Абуамома (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Қуръонро тиловат кунед,
зеро, ки он дар рӯзи қиёмат барои хонандаҳояш шафоъат мекунад» (ривоят аз Муслим)

Гуфт рӯзе он Расули инсу ҷон,
Гар ту аҳли қиблаи Қуръон бихон.
Чун қиёмат ҳаст рӯзи ҳавлнок,
Шофиъи ту мешавад Қуръони пок.

**Ҳадиси 54 (1034)**

Аз Муъовия (р) ривоятаст, гуфт шунидам Расули Худоро, ки фармуданд: «Гарданбаландтарини мардумон дар рӯзи қиёмат муаззинонанд» (ривоят аз Муслим)

Чун ба маҳшаргаҳ қиёмат мешавад,
Марду зан андар надомат мешавад,
Ҳар муаззинро, ки савташ дилписанд,
Аз дигарҳо як сару гардан баланд.

**Ҳадиси 55 (1073)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Паёмбари Худо фармуданд: «Бар мунофиқон ҳеҷ намозе гаронтар аз намози бомдод ва хуфтан нест ва агар савоберо, ки дар ин намозҳост медонистанд худро ба замин кашон-кашон ба намозгоҳ меомаданд» (муттафақуналайҳ)

Аз намозҳо бар мунофиқ сахтар,
Нест чун бомдоду хуфтан эй писар.
Ин намозҳоро бидонистанди аҷр,
Кашкашон рафтанди бар ъишову фаҷр.

**Ҳадиси 56 (1219)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Расулуллоҳ фармуданд: «Касе, ки аз рӯи ихлос ва имон Рамазонро рӯза бигирад, гуноҳони гузаштаи ӯ бахшида мешаванд» (муттафақуналайҳ)

**Вазни дигар**
Рамазонро ҳар онкас рӯза дорад,
Ба даргоҳи Худо ихлос орад,
Аз ин сидқу сафои чун фаришта,
Худо бахшад гуноҳони гузашта .

Рӯза дорад ҳар ки он моҳи шариф,
Аз сари ихлосу бо қалби назиф,
Бигзарад аз ҷурми ӯ Султони дин,
Ло-юзиъуллоҳу аҷрал муҳсинин

**Ҳадиси 57 (1852)**

Аз Абуҳурайра ( р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Се касаст, ки Худованд дар рӯзи қиёмат ба эшон сухан намагӯяд ва эшонро пок намесозад ва ба сӯяшон наменигарад ва бар эшон азоби дарднок аст: пири зинокор, подшоҳи дурӯғгӯ ва фақири мутакаббир» (ривоят аз Муслим)

Се касанд андар ҷаҳаннам мубтало,
Ки зи эшон рӯй гардонад Худо.
Пири зонӣ, подшоҳи лофзан,
В-он фақири худнамои бекафан.

**Ҳадиси 58 (1853)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Сайҳуну Ҷайҳуну Фурот ва Нил ин ҳама аз дарёҳои биҳиштанд» (бо ривояти Муслим)

Сайҳуну Ҷайҳуну Фурот Нил ҳам,
Дар ривоят аз Расули муҳташам,
Ин ҳама анҳор бошанд аз биҳишт,
Мардуми ин хиттаҳо некӯсиришт.

**Ҳадиси 59 (1465)**

Аз Нуъмон ибни Башир (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Дуъо худ ибодат аст» (ривоят аз Абудовуд ва Тирмизӣ, ҳадиси ҳасан ва саҳеҳ)

Чун дуъо бошад ибодат аз яқин,
Дар дуъо мекуш бо қалби ҳазин.
Хосса андар тандурустиву ғино,
То раҳо ёбӣ ту аз ранҷу бало.

**Ҳадиси 60 (1512)**

Аз Абумусо (р) ривоятаст, ки гуфтам: «Ё расули Худо кадом яке аз мусулмонон беҳтараст?» Гуфт: «Он мусулмоне, ки аз дасту забонаш дигар мусулмонон дар амон бошанд» (муттафақуналайҳ)

Беҳтарини муслимин назди Худо,
Он бувад к-андар хафову дар мало,
Дигарон аз хулқи ӯ хушбин буванд,
Аз забону дасти ӯ эмин буванд.

**Ҳадиси 61 (1171)**

Аз Муовия (р) ривоятаст, шунидам, ки Расули Худо мегуфт: «Агар ту айбҳо ва аҳволи пӯшидаи мардумро кофтукоб намои, эшонро фосид месозӣ ва ё қариб аст кори эшонро ба фасод ва табоҳӣ кашонӣ. (ҳадис саҳеҳ, бо ривояти Абудовуд)

Гар ту мечӯуи уюби дигарон,
Мекуни ҷаҳде ту дар ифсодашон.
Гар ба рӯшон мекашӣ айбу гуноҳ,
Ҳоли эшонро ҳамесози табоҳ.

**Ҳадиси 62 (1574)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Аз бадиҳо ҳамин кифоятаст, ки касе бародари мусулмонашро таҳқир созад» (ривоят аз Бухорӣ)

Эй бародар аз бадӣ дӯри гузин,
Не бигу бад, не касеро бад бубин.
Гар ба чашми кам бубини ину он,
Номи некӯи туро дорад зиён.

**Ҳадиси 63 (1585)**

Аз ибни Масъуд, ибни Умар ва Анас (р) ривоятаст, ки гуфтанд, Расулуллоҳ (с) фармуданд: «Ҳар касе, ки дар аҳду паймон ғадру бевафоӣ кунад,
Рӯзи қиёмат ӯро парчамест ва нидо дар дода мешавад: «Инаст паймоншикан ва ваъдахилоф!) (муттафақуналайҳ)

Ҳар касе паймонҳо басту шикаст,
Рӯзи маҳшар парчаме дорад ба даст,
Дар қиёмат дардиҳандаш ин нидо;
К-ин ҳамон мардумфиреби бевафо!

**Ҳадиси 64 (1615)**

Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ривоятаст, ки гуфт: «Расулуллоҳ (с) бар хуранда ва хуронандаи рибо (суд) лаънат гуфт, ва ба ривояти Муслим, Тирмизӣ ва дигарон, бар шоҳидон ва нависандаи он ҳам лаънат гуфт»

Ба рибохору рибодеҳу гувоҳ,
Ҳамчунин бар котибони рӯсиёҳ,
Аз Расулуллоҳ нафрин омадаст,
Чун ки ин фирқа бадоин омадаст.

**Ҳадиси 65 (1620)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, Расулуллоҳ (с) фармуданд: «Касе биомӯзад илмеро, ки бояд ба он ризои Худо талаб карда мешуд, вале он шахс ин илмро ба хотири матоъ ва манофиъи дунявӣ биомӯзад, рӯзи қиёмат бӯи биҳиштро ҳам намеёбад» ( Бо ривояти Абудовуд, ҳадиси саҳеҳ аст ва аҳодиси дигар дар ин боб бисёранд)

Холисанлиллоҳ мехон илими ҳақ,
Не барои хоҳишоти нафси дақ.
Баҳри дунё ҳар ки мехонад улум,
Бӯи ҷаннатро наёбад он залум.

**Ҳадиси 66 (1625)**

Аз Ҷарир (р) ривоятаст, ки пурсидам Расулуллоҳ (с)-ро аз назари ногаҳонӣ ва бидуни қасд, фармуд: «Нигоҳатро сӯи дигар бигардон» (ривояти Муслим)

Чашми ту ногаҳ ба номаҳрам фитад,
Не зи қасду хоҳишоти нафси бад,
Пас нигаҳро сӯи дигар бар ба фавр,
Варна, бинмои ба ҷони хеш ҷавр.

**Ҳадиси 67 (1629)**

Аз ибни Аббос (р) ривоятаст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Ҳеҷ яке аз шумо бо зани бегона дар хилват маншинед, магар ин ки ҳамроҳаш маҳраме бошад» (муттафақуналайҳ)

Ҳар ки хилват бо зани бегона кард,
Хонаи тақвои худ вайрона кард.
Бошад он зан чун Зулайхо шоядо,
Юсуфӣ аз нокасу кас ноядо!

**Ҳадиси 68 (1632)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Расулуллоҳ нафрин кард мардеро, ки либоси зан дар бар кунад ва занеро ки либоси мардона бипушад. (ҳадиси саҳеҳ бо ривояти Абудовуд)

Ту бидиди мардҳой зангунаро?,
Дар ниҳоду пушишу тарзи адо,
Ҳамчунин занҳои мардонанамуд,
Мустафо ин зумраро лаънат намуд.

**Ҳадиси 69 (1647)**

Аз уммулмуъминин Оиша (р) ривоятаст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Касе коре кунад, ки берун аз амри мост, (яъне берун аз шариъат) он кор мардуд аст»

Чун ки меъёри шариъат рушан аст,
Корҳоро ҷумлаги меъёр ҳаст,
Ҳар ки коре мекунад бе амри дин,
Аз нигоҳи шаръ мардудаш бубин.

**Ҳадиси 70 (1725)**

Аз Бурайда (р) ривоятаст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Мунофиқро сайид (яъне хоҷа ) магӯед, зеро агар ӯ сайид ва хоҷаи шумо бошад пас шумо парвардигоратонро ба ғазаб овардед» (ҳадиси саҳеҳ, ривоят аз Абудовуд)

Ҳеҷ мунофиқ сайиду солор нест,
Ҳар ки хонад хоҷа ӯро аблаҳест.
Гар мунофиқ хоҷаву саркори туст,
Пас Худо дар хашм аз ин кори туст.

**Ҳадиси 71 (1831)**

Аз ибни Масъуд (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуд: «Такаллуфкунандагон (сахтгирон) ҳалок шуданд ва инро се бор такрор кард» (ривоят аз Муслим)

Чун такаллуф нашъа аз ноогаҳист,
Сахтиву душворхоҳӣ хуб нест.
Саҳлу осонӣ гузин дар корҳо,
Варна бини ҳар даме диморҳо.(марг)

**Ҳадиси 72 (1000)**

Аз ибни Абос (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуд: «Касе, ки дар дилаш аз Қуръон ҳеҷ надорад (чизе аз Қуръон ёд надорад) монанди хонаи вайрона аст.» (ҳадиси саҳеҳ бо ривояти Тирмизӣ)

Гарчи сад вайронаҳо аз обу гил,
Нест вайронӣ чу вайронии дил.
Ҳар ки аз қуръон намедонад зи бар,
Нест аз ӯ хонае вайронатар.

**Ҳадиси 73 (1841)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, кт Расули Худо (с) фармуданд: «Беҳтарини ҷойҳо назди Худованд масҷидҳо ва бадтарини ҷойҳо бозорҳост» (бо ривояти Муслим)

Беҳтарини ҷой дар маъмураҳо,
Масҷиду минбар бувад назди Худо,
Бадтарини ҷойҳо бозор дон,
Парчами шайтон онҷо парфишон.

**Ҳадиси 74 (1528)**

Аз Абудовуд (р) ривоятаст, ки Расули акрам (с) фармуданд: «Касе ки аз обу рӯи бародари мусулмонаш дифоъ кунад, Худованд оташи дузахро рӯзи қиёмат аз вай дур созад» (бо ривояти Тирмизӣ, ҳадиси ҳасан)

Пос медор обрӯи муъминон,
То бимонад обурӯят дар амон.
Ҳар ки ҳомӣ аз бародар бошадо,
Дузах аз вай дур месозад Худо.

**Ҳадиси 75 (1328)**

Аз Ҷобир (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Худованд бибахшояд марди осонгири хушахлоқро, вақте ки мефурушад ва ё мехарад ва ё ҳаққи худро аз дигаре мехоҳад» (бо ривояти Бухорӣ)

Гуфт пағамбар Худо бахшоядо,
Бар каси осонписанду хуш адо.
Хосса вақте ки фурушад ё харад,
Ё бихоҳад аз касе ӯ моли х-вад.

**Ҳадиси 76 (1366)**

Аз Маъқал ибни Ясор (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Ибодат ва худопарастӣ дар замони фитна ва ҳарачу марач, монанди ҳичрат кардан ба сӯи ман аст.» (Муслим)

Ҳар ки андар фитнаву ҳангомаҳо,
Мекунад холис ибодат бар Худо,
Ҷони худ з-ин фитнаҳо рад кардааст,
Гӯи ҳичрат сӯи Аҳмад кардааст.

**Ҳадиси 77 (1274)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Паёмбари Худо фармуданд: «Ҳар касе ки ҳаҷ ба ҷо биоварад ва ҳамзамон аз бадкорӣ ва фисқу фуҷур дурӣ гузинад, чун боз гардад монанди он аст, ки тоза аз модар зода шудааст» (муттафақуналайҳ)

Ҳар ки ҳаҷ рафту тавофи хона кард,
Холӣ аз ҳар фисқу исён шона кард,
Чун шавад аз ҷомаи иҳром бурун,
Гӯи аз модар бизодаст ӯ кунун.

**Ҳадиси 78 (1031)**

Аз Абумолики Ашъарӣ (р) ривоятаст, ки Расулуллоҳ (с) фармуданд: «Покӣ ва покизакорӣ порае аз эмон аст ё нисфи имон аст» (саҳеҳ, ва дар ин боб аҳодис бисёр аст)

Бо Худои пок чун паймони туст,
Покӣ ҳамчун пораи эмони туст.
Кист муъмин, покҷону поктан,
Покманзар, покбӯ чун настаран.

**Ҳадиси 79 (1403)**

Аз Алӣ (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Бахил он касест, ки чун ман назди ӯ ёд карда шавам, бар ман дуруд нафиристад» (ҳадис ҳасан ва саҳеҳ бо ривояти Тирмизӣ)

Зикри Аҳмад чун равад дар маҳфиле,
Гӯ, саллаллоҳу алайҳ гар муқбилӣ,
Ҳар ки бишниду набифристад дуруд,
Ӯ бахиласту ҷудо аз аҳли ҷуд.

**Ҳадиси 80 (1387)**

Аз Абиумома (р) ривоятаст, ки Паёмбари Худо фармуд: «Фазилат ва бартарии олим бар обиди беилм монанди фазлу бартарии ман аст бар кеҳтари аз шумо» (бо ривояти Тирмизӣ ҳадиси ҳасан ва дар ин боб аҳодиси фаровон аст)

Ҳаст ъолимро ба ъобид бартарӣ,
Ҳамчу фазли Мустафо бар кеҳтаре.
Мақсад ин ҷо ъолими ъомил бувад,
Чун дар ӯ тарси Худо ҳосил бувад.

**Ҳадиси 81 (1376)**

Аз Муъовия (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Ба ҳар ки Худованд иродаи хайр ва некӣ кунад, ӯро дар умури дин дониш медиҳад» (Муттафақун ъалайҳ).

Ҳар киро хоҳад Худо некӣ диҳад,
Дар дили ӯ меҳри дониш мениҳад.
Хосса андар шарҳу басти илми дин,
Чун асоси ҷумла донишҳост ин.

**Ҳадиси 82 (1494)**

Аз Абудардоа (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Ҳеҷ бандаи мусалмон нест, ки дар ғайби бародараш дуъо кунад, магар ин ки малоикае мегӯяд; Бар ту бод мисли он ки дуъо карди. (Ба ривояти Муслим).

Ҳар ки дар ғоиб бисозад илтиҷо,
Мар бародарро кунад сидқан дуъо.
Як фаришта гӯяд он дам з-осмон,
Бар ту бодо он чи хоҳӣ бар фалон.

**Ҳадиси 83 (1394)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Ҳар кори муҳим ва бо арзише, ки бо ҳамд ва ситоиши Худованд шурӯъ нашавад, он кор нотамом ва ноқис аст. (Ҳадиси саҳеҳ, бо ривояти Абудовуд).

Чун кунӣ оғоз коре бас муҳим,
З-ибтидо алҳамд мегӯ эй салим.
Кор чун оғоз шуд бо номи Ҳу,
Мешавад оғози ӯ анҷоми ӯ.

**Ҳадиси 84 (2204)**

Аз Абубакра (р) ривоятаст, ки аз Расули Худо шунидам, ки мегуфт: «Набояд ҳокиме дар ҳоли ғазаб байни ду нафар қукму қазоват намояд». (Аз Бухорӣ).

Мард мебояд, ки хашми худ хурад,
Чун ки хашм омад, хирадро мебарад.
Пас ту андар ҳолати хашму ситез,
Аз қазоват байни ину он гурез.

**Ҳадиси 85 (1520)**

Аз Уқба ибни Омир (р) ривоятаст, ки гуфтам: Ё Расулаллоҳ (с)! Роҳи наҷот кадом аст? Гуфт: «Забонатро ба худат банд кун ва бояд бигунҷонад туро хонаат ва бар гуноҳони худ гиря кун» (ҳадиси ҳасан бо ривояти Тирмизӣ).

Гар ҳамехоҳи наҷот аз ҳар газанд,
Рав забони хешро овар ба банд.
Он бикун, то хонаат гунҷонадат,
Вон гуноҳи кардаат гирёнадат.

**Ҳадиси 86 (1569)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Аз ҳасад бипарҳезед, зеро ҳасад некиҳоро чунон мехӯрад, ки оташ ҳезумро» (Ривоят аз Абудовуд).

Ҷони ман парҳез бинмо аз ҳасад,
Гар намехоҳи, ки бар ту бад расад.
Аз ҳасад гар оташе афрӯхтӣ,
Ҳамчу ҳезум некиҳоят сӯхтӣ.

**Ҳадиси 87 (1577)**

Аз Восила ибни Асқаъ (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Чун мусибат ва нохушие ба бародарат расад, хушҳол машав. Бошад, ки Худованд бар ӯ раҳмату меҳрубонӣ кунад ва туро ба мусибате гирифтор орад» (Ҳадиси ҳасан бо ривояти Тирмизӣ).

Бо бародар чун расад ранҷу газанд,
Ту машав хушҳолу бар ҳолаш маханд.
Пас Худо бахшад ба ӯ аз лутфу ҷуд,
Ту бияфтӣ дар бало кӯру кабуд.

**Ҳадиси 88 (1458)**

Аз Ҳузайфа ва Абузар (р) ривоятаст, ки Расули Худо вақте ба бистари хоб мерафт мегуфт: «Ай Худо! Бо номи Ту зиндагӣ мекунам ва мемирам» (Ривоя аз Бухорӣ).

Номи ҳақ вирди забон кун эй ҷаноб,
Вақти бедорит ё ҳангоми хоб.
Чун ҳамехоби бигӯ ҷои сукут,
**Бисмикаллоҳумма аҳё ва амут.**

**Ҳадиси 89 (1369)**

Аз Абуқатода (р) ривоятаст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Ҳар ки мехоҳад, ки Худованд ӯро аз сахтии рӯзи қиёмат наҷот диҳад бояд дархости қарзашро аз вомдори нодор ба таъхир андозад ва ё аз он қарз бигзарад» (Ривоят аз Муслим).

Гар наҷоте аз ҷаҳаннам боядат,
В-ар ҳамехоҳи, Худо бахшоядат.
Ё бидеҳ мӯҳлат зи рӯи фазлу дод,
Ё бубахш бар вомдори номурд.

**Ҳадиси 90 (990)**

Аз Анас ибни Молик (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Касе, ки дӯст дорад ризқу рӯзиаш фарох ва умраш дароз гардад, силлаи раҳмро ба ҷо орад»

Ҳар ки хоҳад рӯзиаш ояд фароз,
Рӯзгораш хуш бувад, умраш дароз,
Гӯ бирав некӣ ба хешованд кун,
Риштаи бигсастаро пайванд кун.

**Ҳадиси 91 (993)**

Аз Микдод (р) ривоятаст, ки Паёмбари Худо фармуданд: «Ҳаргиз касе таъоме беҳтар ва гуворотар аз меҳнати дасти худаш нахурдааст. Ва паёмбариХудо Довуд (ъ) аз дастранҷи худ мехурданд».

Ҳеҷ таъомеро гуворо нашмари,
З-ончи аз маҳсули даст худ хури.
Ту зи Довуди набӣ кай бартарӣ?
К-ӯ зи худ мехурду ту аз дигаре.

**Ҳадиси 92 (1590)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Паёмбари Худо фармуданд: «Агар шахсе бигӯяд, ки мардум ҳалок шуд, ӯ аз ҳама ҳалоктар аст ва ё эшонро ба ҳалокат афкандааст» (ривоти Муслим).

Ҳар касе гӯяд, ки мардум мурдаанд,
Яъне аз имон бӯ нобурдаанд.
Пас бувад ӯ мурдатар з-ин мурдагон,
З-он ки кӯшиш кардааст дар маргашон.

**Ҳадиси 93 (1547)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Аз дурӯғ барои инсон ҳамин гуноҳ бас аст, ки ҳарчиро шунид ба дигарон бигӯяд» (Ривоят аз Муслим).

Ин амал кофист аз рӯи дурӯғ,
К-он яке аз ақлу дониш бефурӯғ,
Ҳар чи бишнид аз забони ину он,
Наздиҳар кас мекунад онро баён.

**Ҳадиси 94 (1511)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Касе ки ба Худо ва рӯзи охират бовар дошта бошад бояд сухани нек бигӯяд ва ё хомӯш бошад» (муттафақун ъалайҳ).

Хешро гар бишмари бандай Худо,
Вар ту бовар дори бар рӯзи ҷазо.
Рав сухан мегӯ валекин сӯдманд,
Ё зи бад гуфтан даҳони худ бибанд.

**Ҳадиси 95 (51)**

Аз Абумасъуд (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Ҳар ки бар хонавода ва фарзандони худ нафақа медиҳад ва умеди савоб аз Худованд дошта бошад, ин нафақаи ӯ садақа шуморида мешавад».

Мекаши заҳмат барои хонадон,
То шавад пайдо барошон обу нон.
Чашм медор аз Худо хайру савоб,
Хайру эҳсонат шавад он нону об.

**Ҳадиси 96 (2141)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Паҳлавонӣ бо мағлуб кардан ва ба замин афкандани дигарон нест, балки паҳлавон касест, ки ҳангоми хашм худро ба даст гирад».

Паҳлавон машмар ту аз рӯи яқин,
Он ки молад пӯшти мардон бар замин.
Лек он ки хашми худро хурдааст,
Ӯ зи мардон гӯи марди бурдааст.

**Ҳадиси 97 (749)**

Дар ривояте аз Зубайр (р) омадааст, ки Расули Худо гуфт: «Агар шахсе бо пушти худ ҳезум биорад ва бифрӯшад ва Худованд ба ин васила обурӯяшро ҳифз намояд, беҳтар аз он аст, ки аз мардум чизе бихоҳад ва онҳо барояш бидиҳанд ё надиҳанд».

Ҳоҷати худро аз ину он махоҳ,
Обурӯятро Худо дорад нигоҳ.
Гар ту баҳри қути худ ҳезум каши,
Беҳ аз он, ки миннати мардум каши.

**Ҳадиси 98 (12)**

Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоятаст, ки шахсе аз Паёмбари Худо пурсид: Ё Расулаллоҳ кадом Ислом беҳтар аст?, (яъне дар ислом кадом амал беҳтар аст). Расули Худо (с) фармуданд: «Таъом додан ва салом кардан барои касе, ки мешиноси, ё намешиноси».

Ҳар киро Исломи беҳтар бошадаш,
Неки бар мардум фузунтар бошадаш.
Медиҳад бар мардумон обу таъом,
Ҳар киро бинад ҳамегӯяд салом.

**Ҳадиси 99 (2200)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Зуд аст, ки шумо барои расидан ба аморат ва фармонравоӣ талош менамоед, вале ин аморат дар қиёмат сабаби надомат ва пушаймонӣ мешавад. Ширхорагӣ бисёр болаззат аст вале ҷудо шудан аз он талх ва ранҷовар аст».

Гуфт Пайғамбар, ки ҷони ман фидош,
Дар аморат мекунед саъю талош.
Бас гуворо тифливу ширхорагӣ,
В-аз ҷудоӣ ранҷу сад бечорагӣ.

**Ҳадиси 100 (1-шарҳи ибни Ибод)**

Аз Расули Худо ривоятаст, ки фармуданд: «Аз ҳама хавфноктар барои уммати ман шахсест, ки дили мунофиқ ва забони донову равон дорад» (Ҳадиси ҳасан).

Мустафо фармудааст андар хабар,
Ман натарсам бар умат з-ин бештар,
З-он ки бошад қалби ӯ пур аз нифоқ,
Дар забон аммо бувад донову тоқ.

**Ҳадиси 101 (999)**

Аз Абуҳурайра (р) ривоятаст, ки Расули Худо фармуданд: «Савганд хурдан дар хариду фурӯш сабаби фурӯхтани мол (гармии бозор) мешавад, вале боиси аз байн рафтани баракати он мегардад».

Ту махур савганд бо ҷӯшу хурӯш,
Дар харидан ё ба ҳангоми фурӯш.
Аз қасам чун гармии бозори туст,
Номуборак ҳосили ин кори туст.

**Анҷом**

Чун зи Худо лутфи фарвон расид,
Шукр, ки ин нома ба поён расид.
Собиқаи лутфи азал дастгир,
Хатм бишуд ин сабақи беназир.
Хомаи ман ҳарфи Паямбар гирифт,
То суханам рутбаи дигар гирифт.
Гар ман аз ин гуфта биболам равост,
Тарҷума аз ман сухан аз Мустафост.
Сафҳаи ман соҳати пайғоми шаръ,
Шеъри маро мартаба аз номи шаръ.
Ҳотифе аз ғайб шунидам, ки гуфт:
Ин сухани пӯхта, ки бояд шунуфт,
*«Шеър агар носараву сарсарист,*
*Шоъирӣ кай нашъа зи пайғамбарист.*
*Дар тафи ин бодия дунболи об,*
*Водии имкону сарои сароб.*
*Ишқ биҷӯ, водии обӣ бирав,*
*В-аз тахайюлоти сароби бирав.*
*То ки шавад ҷазбаи Ҳақ шомилат,*
*Маҳв кунад васвасаи ботилат.*
*Тарк бикун соҳати андешаро,*
*Об зи тавҳид бедеҳ решаро.*
*То самаре аз шаҷари дин хури,*
*Баҳра зи уқбову зи дунё бари.*
*Чун раҳи эҳсосу ҳавас як раҳ аст,*
*Ҳар ки аз ин раҳ биравад гумраҳ аст.*
*Раҳ набарад суи Худо, роҳ нест.*
*Раҳрави ин роҳ худогоҳ нест.*

*Қофиларо ҷониби дигар бубар,*
*Аз раҳи андеша фаротар бубар.*
*Шӯъла бизан хирмани авҳомро,*
*Беҳтар аз огоз кун анҷомро.*
*Ҷаҳд бикун файзи баҳорат гузашт,*
*Ҳосиле аз кишта биёри ба даст.*
*Қатъи умед аз дари раҳмат хатост,*
*Лутфи Худо бештар аз ҷурми мост.*
*Гар зи амал холӣ туро доман аст,*
*Ҳосили ихлос туро хирман аст.*
*Бахшиши ихлос ҳам аз лутфи ӯст,*
*Кай зи туву ҷаҳду такопӯи туст?*
*Шукр бигу ганҷи худододро,*
*Ҳам з-ӯ биҷу бахшишу имдодро.*
*Маъни зи дил ҷуш занад он гаҳат,*
*В-аз раҳи илҳом кунад огаҳат.*
*Рози паси парда аёнат шавад,*
*Маънии гуфтору баёнат шавад».*
Бар дилу ҷонам асаре зин хитоб,
Баста шуда чашми маро роҳи хоб.
Ақл дар ин бозӣ бишуд бохта,
То биравам водии нашнохта.
Дар дили ман вавалаву сад хурӯш,
Ҳар нафасе бонги раҳилам ба гӯш.
Дода нишоне ба дил аз бенишон,
Чун наравам, мебарадам кашкашон.
Завқ ба суи дигарам раҳбар аст,
Нойи маро замзамаи дигар аст.

# ТАЪЛИҚОТ

***Баргузида аз ғазалиёт, қасоид, маснавиёт ва рубоиёт***

# *ҒАЗАЛИЁТ*

Чаманпардозие дорам ба рағми ақли пурсавдо,
Дар ин шаҳри пур аз ҳайрат, дар ин базми пур аз ғавғо.
На оҳанге зи сози улфатам бар гӯши ҷон ояд,
На нуре аз ҷамоли мутлақам бар чашми нобино.
Зи бас сар баркашидам аз гиребони фаромӯшӣ,
Шумори рӯзгорамро на имрӯз асту не фардо.
Ба хоб андар бидида мурғи ҷонам ошёни худ,
Ҳикоят мекунад гаҳ-гаҳ зи Ҷобулқову Ҷобулсо.
Ба шоми тираам гоҳе паёми нур меояд,
Ки бӯи пираҳан бишнидаам аз Юсуфи зебо.
Садои норасои дар гулӯбишкастаро монам,
Забони безабонӣ ку, ки рози дил кунам ифшо.
Қадам дар водии дил мениҳодам ақли саркаш гуфт:
«Надонам то кучҷоҳо мераси зин роҳи нопайдо»
Ба ин ғукони мурдобӣ ҳадиси баҳр афсонаст,
Чӣ ҷои қулзуми ваҳдат ба он жарфову он паҳно.
Ман аз шаҳри гаронҷонон Худоё сахт дилгирам!
Магар рӯзе дар ин водӣ қиёмат мешавад барпо?!
Самандармашрабе кӯ, то кунад сайри ҷаҳони ман,
Ба оташхорӣ хӯ кардам дар ин гулхан Навидосо.

* * *

Мазмуни ин ҳикоят андар сухан нагунҷад,
Зафтаст луқмаи ишқ, андар даҳан нагунҷад.
Иҷоди пираҳан кард, шавқи ҳузур варна,
Он Юсуфе, ки дорам дар пираҳан нагунҷад.
Мурдобу зикри туфон, ноогаҳист, эй ҷон,
Баҳри муҳит ҳаргиз, дар як-ду дан[1] нагунҷад.
Мӯсо зи Хизр бишнид: «Лан тастаиъа», яъне,
Дар дафтари ду олам илми «ладан» нагунҷад.
Номаҳрамон гурезанд аз базми ишқ зеро,
Ҷибрил пардадораст, то Аҳриман нагунҷад.
Арбоби фазл умре дар мулки худ ғарибанд,
Ҳар к-у бузург гардад, андар ватан нагунҷад.
Васфи дури ямонӣ бишнидаем аммо,
Ин ҷо дурест дигар, к-андар Яман нагунҷад.
Шери Худо шундӣ, дар чоҳ оҳ мегуфт,
Яъне, ки сирри ваҳдат дар анҷуман нагунҷад.
Дил соҳати худоист, майдони кибриёист,
Бас ҳарфи жарф гуфтам, дар илму фан нагунҷад.
Як дашт растахез аст, ҷоно Навиди моро,
К-ин ҷилваи баҳорӣ дар сад чаман нагунҷад.

* * *

[1] Дан – хум, кӯза.

Эй фаротар аз ҳама пиндори мо,
Мо киему ин ҳама афкори мо.
Ғалла дар анбори андак вале,
Муши бисёр аст дар анбори мо.
Диди мо аз мо фаротар кай бувад?
Войи мову дидаву дидори мо.
«Нест бемори чу бемории дил»
Ту чӣ донӣ аз дили бемори мо.
Мар ҷунуноварагони аќлро,
Дарди сар афзояд ин гулзори мо.
Имтиёзи мову ту ин асту бас,
Дустонат душмани ғаддори мо.
Риштаи ин кор новарди ба каф,
Зин сабаб дори ба сар инкори мо.
Кор агар бо ҷомаву дастор буд,
Аз ту бодо ҷомаву дастори мо.
Баҳри раҳмат ҷӯш мезад дар азал,
Ғарќи ӯ шуд андаку бисёри мо.
Эътибори тан зи дил пайдо бувад,
Дар Бадахшон лаъли гавҳарбори мо.
Ин дами ёраст бар мо медамад,
Най шакар шуд аз лаби дилдори мо.
Ҷони мо гар ин сухан нашнида буд,
Аз тафаккур кай буд ин гуфтори мо?
Дар сари меҳру вафоем эй Навид,
Гарчи буди бар сари озори мо.

Гар дасти мо ба домани васлат расо набуд,
Боре хаёли рӯи ту аз мо ҷудо набуд.
Аз дарди дил шикояти беҳуда чун кунам?
Дар маҳфиле, ки як дили дардошно набуд.
Дар боғҳо латофати пешин намондааст,
Ё дар баҳор шеваи поринаҳо набуд.
Гар маънии зиё ҳама нур аст пас чаро?
Нури Худо ба маҳфили аҳли зиё набуд.
Моро баҳои зиндагӣ ишқи ту буду бас,
Дидам, ки умри рафтаро ҷуз ин баҳо набуд.
Бе ту даме гар ойинапардози худ будам,
Ранги сафо ба чеҳраи ойинаҳо набуд.
Дар хушдилӣ агар нафасе гум шудам зи ту,
Зери қабои хуррамӣ ғайр аз бало набуд.
Аз нашъаи шукуфтану болиданам мапурс,
Дар боғи мо ҳикояти боди сабо набуд.
Дорушшифои ақл бигаштам ба дарди ишқ,
Роҳи наҷот баставу номи даво набуд.
Бар рағми ақли муддаъӣ аз пургуноҳиям,
фатвои ишқро назаре бар хато набуд.
Дар шаҳри мо, ки ҳусн намак гум намудааст,
Дилбар ҳазор буду яке дилрабо набуд.
Бо файзи оби раҳматам парварда эй Навид,
Дар киштзори фитратам тухми риё набуд.

* * *

Дар моварои ин фан илму фанест дигар,
К-ойинаи дили мо з-он рӯшанест дигар.
Ҳар гӯшае фитода мастеву лоуболе,
Дар хумми мо шароби мардафганест дигар.
Он ҷо раҳе надорад ҳар хому норасида,
Анбори ин сароро парвезанест дигар.
Не марду зан, ки диди аз обу гил сиришта,
Аз ҷону дил сиришта марду занест дигар.
Умрат ба охир омад дар фикри ганҷу сарват,
Дар дил бирав, ки он ҷо як махзанест дигар.
Ку раҳбаре, ки моро то кӯи ӯ кашонад,
К-андар камин нишаста сад раҳзанест дигар.
Ин аҳриман ба «лоҳавл» аз ту гурезад аммо,
Он кибру худнамоӣ аҳриманест дигар.
Сад пираҳан напӯшад айби ниҳони моро,
Дар махзани Илоҳӣ пироҳанест дигар.
Дасти Навид нагрифт сӯфиваше азеро,
Дасти иродати ӯ бар доманест дигар.

* * *

Ин чӣ шаҳрест пур аз ҳурвашон, хубу ороста субҳоналлоҳ,
Гулбунонад зи боғи малакут, ваҳ чӣ пироста субҳоналлоҳ.
Аз паси парда раҳи дил бизананд бо дусад нозу
карашмай азалӣ,
Ин ҳама раҳзаниву луливашӣ аз куҷо хоста субҳоналлоҳ.
Ҳама аз олами нуранд магар, ки ба ҷуз рӯшанӣ
пайдо набувад,
Рӯзу шаб роҳи фалак гум карда, меҳру маҳ коста
субҳоналлоҳ.
Нозанине зи паси чодари ноз чеҳра бинмуду ҷаҳон
дигар шуд,
Хам шуда қомати хубони ҷаҳон хоста нохоста
субҳоналлоҳ.
Баъд аз ин роҳи қаландар бизанам мани шуридаи
шайдову Навид,
Гӯшаи чодари ӯ боз кунем оста-оста субҳоналлоҳ.

* * *

Ба ҷонам шӯри маҳшар дар сарам савдост ё мавло,
Ба сози улфатам оҳанги истиғност ё мавло.
Рабуд луливаши барбатзане сабру қарорамро,
Ки оҳангаш на з-ин дунё на з-он дунёст ё мавло.
Парешонхотирам аз бас раҳи таъбир гум кардам,
Саводи номаам саргаштаи маъност ё мавло.
Саҳаровозаам аз файзи як субҳи дурӯғине,
Сафои дил асири зулмати шабҳост ё мавло.
На сурамро сарофиле паёмамро на ҷибриле,
Сафар дорам ба он манзил, ки нопайдост ё мавло.
Чу хум аз ман наёмад саҷдаи лабрези сад мастӣ,
Зи шӯри нашъаям холӣ маю миност ё мавло.
Варои ин чаманҳо як чаманзорест раббонӣ,
Ки нақши ин гулистонҳо аз ӯ бархост ё мавло.
Баҳореро фаротар з-ин баҳори рангу бӯ дидам,
Чӣ хуб асту чӣ мақбулу аҷаб зебост ё мавло.
Шунидастам бурун аз кавн дарёест руҳонӣ,
Ки ҳафт дарёи қулзум маҳви он дарёст ё мавло.
Навид овораи саҳрои ҳайрат гашт медонӣ,
Дар ин водӣ чу гарди бесару бепост ё мавло.

Чи суд аз навбаҳорон, чун латофат аз чаман рафта,
Назокат рахт барбаста, зи сунбул в-аз суман рафта.
Ва боғ аз ҳуҳуи чуғзон азохонаст пиндорӣ,
Зи бас сурма ба хурди тутии шакаршикан рафта.
Дар ин саҳро чӣ мегардӣ, ки хотир шод гардонӣ,
Фараҳ домони худ барчида, аз дашту даман рафта.
Камоли офият хоҳӣ, бирав бар кӯи танҳоӣ,
Ки ойини вафодорӣ зи ёрони куҳан рафта.
Дар ин маҳфил дили моро, кудурат ранҷа медорад,
Намак аз хон бигрехта, сафо аз анҷуман рафта.
На обе бар рухон монда, на нуре бар ҷабин эдун,
Гунаҳ бепарда гардида, ҳаё аз марду зан рафта.
Ман аз рӯи зарурат шеър гуфтам, эй Навид, варна,
Ту медонӣ тароват қаҳр карда, аз сухан рафта.

* * *

Ёди рӯи ӯ кардам, навбаҳор пайдо шуд
В-аз ғубори ҳиҷронаш шоми тор пайдо шуд.
Сайри гулшани ҳастӣ офати назарҳо буд,
Сад чаман хазон омад, мушти хор пайдо шуд.
Шӯълаи дуруштиҳо чун зи табъи мо ҷушид,
Об санги хоро гашт, кӯҳсор пайдо шуд.
Решаи шикебоӣ дар умеди фардо буд,
Сабри мо ба худ болид, интизор пайдо шуд.
Сифла пои ин бӯсид, дасти ону меҳтар гашт,
З-обрӯи барбодаш, эътибор пайдо шуд.
Соҳати дили инсон мазраъи худоӣ буд,
Чашмаи сафо хушкид, шӯразор пайдо шуд.
Ёри мо зи мо рам кард, қадри ӯ надонистем,
Ошиқи ҷигархуну, дилфигор пайдо шуд.
Хайбари тани инсон пур зи ҷайши кофар буд,
Ҳайдаре зи ҷон омад, Зулфиқор пайдо шуд.
Ё маро бубар хона , в-арна эй санам в-арна,
Хосу омро гӯям, к-он нигор пайдо шуд.
Толеъам саид омад, муждаи Навид омад,
Аз ғубори ин саҳро як савор пайдо шуд.

* * *

Ин чи савдост, ки садгуна тапидан дорам,
Ба ҳавои ту зи худ майли рамидан дорам.
Зеру боло ҳама пурвалвалаву савту наво,
Ҳартараф бехабар аз хеш чамидан дорам.
Тоза аз майкада берун шудаам дастам гир,
Ки чу мастон ҳаваси ҷома даридан дорам.
Ман аз ин валвалаву шур, ба ҷонам соқӣ,
Сари дар гушаи танҳоӣ, хазидан дорам.
Хирмани ақл бибар, арзане аз ишқ биёр,
Ки ба ҷону дили худ, майли харидан дорам.
Ҳамчу шабнам сару поям, ҳама нурасту сафо,
Саҳар аз гулбуни афлок, чакидан дорам.
Чанд гуи сухан имруз, пароканда Навид,
Ки ман аз ҷои дигар, қисса шунидан дорам.

Зи худ гум гаштаам, чун маънии мавҳумтаъбирам,
Ки дар ойинаҳо як ҷилва пайдо нест тасвирам.
Садое дар гулӯ чун мурғи бисмил мезанам пар-пар,
Ҳавои пар кашидан доштам, бастанд бо тирам.
Хати райҳониям к-андар сафоли кӯзаҳо руста,
Ба илҳоми баҳорӣ метавони кард тафсирам.
Чу субҳи наврасида рафтане дар омадан дорам,
Ки чун хуршед меойиву ман он лаҳза мемирам.
Дар ин ғурбатсаро не аз хушиҳо кардаам манзил,
Зи пои норавони худ ба нокомӣ замингирам.
Куҷои эй далили раҳ, ки ин деви биёбонӣ,
Ҳаме раҳ мезанад ҳар лаҳза бо найрангу тазвирам.
Ба гирдоби ҳаводис чун ҳубоби рӯи дарёям,
Миёни мавҷи тӯфонӣ, чӣ меояд зи тадбирам.
Чу шабнам як нигаҳ болиданам фурсат ғанимат буд,
Чӣ гӯям, бо чунин камзарфиҳо ман узри тақсирам.
Бинои умр аз побаст дорад майли вайронӣ,
Навид аз рӯи ғафлатогаҳӣ дар фикри таъмирам.

Барпост қиёмати ту моро,
Аз ҷилваи қомати ту моро.
Кас нест паёми мо расонад,
Ё пайки саломати ту моро.
Дар доми балот мубталоем,
Куштаст маломати у моро.
Ту рафтиву ёдгор монда,
Андӯҳу надомати ту мор.
Ҳам душману дӯст мешиносад,
Аз рӯи аломати ту моро.
Ин ҷумла виқору сарбаландӣ,
Бахшида шаҳомати ту моро.
Мо муқтадиёни пурхатоем,
Лутфаст имомати ту моро.
Моему Навиду ҳоли зоре,
Барпост қиёмати ту моро.

Андарин водӣ зи ҳайрат, пой дар гил мондаам,
Корвонҳо рафту ман, дар ёди манзил мондаам,
Дил ба як ними нигоҳе, хайрбодам карду рафт,
Аз кӣ пурсам ошёни дил, ки бедил мондаам.
Субҳи нур аз машриқи дил, бардамида як шабе,
Бахти хоболударо бингар, ки ғофил мондаам.
Ҷони саргардони ман, умре ба дунболи сароб,
Ташаналаб аз содагӣ, дар соҳили Нил мондаам.
Не раҳи майхона медонам, на дайру хонақаҳ,
Ҳиммате эй раҳравон, дар ҳоли мушкил мондаам.
Сурате аз бечиҳат, сабру қарорам мебарад,
Волаву ҳайрони он ширинҳамоил мондаам.
Ақл шуд занҷири пои дил, дар ин раҳ, эй Навид,
Ман зи нодонӣ чунин донову оқил мондаам.

Мурдем дар интизорӣ охир,
То чанд кашем хорӣ охир.
То кай бикашем бори миннат,
Ан ғояти бурдборӣ охир.
Ҷуз даргаҳи ту дари дигар нест,
Моро ба ки мегузорӣ охир?
Бо ҷурму гуноҳ муътарифем,
Дар хиҷлату шармсорӣ охир.
Гар масту харобу сархушастем,
Аз хумми туем хуморӣ охир.
Пажмурдадилему ташнаҷонем,
Бинмой даме баҳорӣ охир.
Ё марҳамате ба ҷони хаста,
Ё захме бизан корӣ охир.
Вомонда зи корвони ишқем,
Эй ҳамсафарон, ёрӣ охир.
Боз ой Навид зи кӯи ғурбат,
Мурдем дар интизорӣ охир.

Чунин моро раҳо карданду рафтанд,
Ба ҷони мо ҷафо карданду рафтанд.
Ба доми ишқ афкананд моро,
Гирифтори бало карданду рафтанд.
Ҳама буду набуди мо рабуданд,
Ғарибу бенаво карданду рафтанд.
Ба бозори муҳаббат ишқи ӯро,
Ба хуни дил баҳо карданду рафтанд.
Намуда дар паси сад парда рӯяш,
Ба мо як марҳабо карданду рафтанд.
Ба ними ғамзае куштанд моро,
Ҳавола бар қазо карданду рафтанд.
Дили дардошное буд бо ман,
Маро аз дил ҷудо карданду рафтанд.
Навид он ошноёни раҳи ишқ,
Ҳикоят з-ошно карданду рафтанд.

Муддате оинаи нақшу нигорам кардаанд,
В-онгаҳе бо худнамоиҳо дучорам кардаанд.
Роҳи душвору рафиқе не, далели роҳ не,
Бо чунин ҳоле раҳо дар кӯҳсорам кардаанд.
Ваъдаи васлам чу дода дар ҳаримистони қурб,
Тоқиёмат дар раҳаш бо чашми чорам кардаанд.
Субҳ бинмуданду дар дил сад таманно ҷӯш зад,
Вонгаҳе саргаштаи шабҳои торам кардаанд.
Тан мазори ҷони покам гашт, эй соҳибдилон,
Дил даруни сина чун санги мазорам кардаанд.
Гулбуне аз гулситони маърифат будам, вале,
Шиква аз ҳақношиносон, баски хорам кардаанд.
Душманонам мудате шуд дил зи ман хуш кардаанд,
Дӯстон аз баски душман эътиборам кардаанд .
Дил зи қилу қоли ин ҳангомаҷӯёнам гирифт,
Аз шумори хеш з-инрӯ ихтисорам кардаанд.

На тоби дурӣ зи моҳи рӯят, на пои рафтан ба ҷустуҷӯят,
На як навиде, на як саломе, на як паёме зи тарфи кӯят.
На бар машомам зи боғи улфат, насим орад шамими
зулфат,
На як садое ба гӯши ҷонам шамол орад зи гуфтугӯят.
Зи шоми торик дилам гирифта, на як сафое на рӯшноӣ.
На хонақаҳро хуруши завқе, на дар харобот ҳою ҳӯят.
Ман арчи дурам, чаро ҳарифон, ки лофи қурбат зананд
ҳардам,
Ба ташнаҷонони кӯи ҳирмон намечашонанд зи оби ҷӯят.
Бирав муғаннӣ, ки аз муҳаббат садо надорад навои созат,
Ба кӯи риндон чӣ мешитобӣ, шикастасоғар, тиҳӣ сабӯят.

* * *

Бањри сайдам чашми масте дар камин биншастааст,
Рањзане дар рањгузори, аќлу дин биншастааст.
Чун бибандам чашм, аз чашми хуморинаш бигу,
Чашми масти ў, ба чашмонам ќарин биншастааст.
Мењри чашми ман бубину, кинаи чашмони ў,
Фитна хезад њаркуҷо, ки мењру кин биншастааст.
Холи мушкини лабашро дидаму гуфтам ба дил,
Дар канори ҷуи Кавсар, њури ъин биншастааст.
Сурхии рухсори рўи њамчу мољаш, эй аҷаб,
Гулшакар гўи, ки бо тарангубин баншастааст.
Ќоматаш аз нозукї њардам хаму чам мешавад,
Сарв аз рашки хиромаш, бар замин биншастааст.
Нест дилро дар расидан бар висолаш, даст рас,
Мољи ман дар осмони њафтумин баншастааст.

Шаҳд дар коми мани зор шарангаст, эй дӯст,
Зиндагӣ бо мани дилхаста ба ҷангаст, эй дӯст.
Ғами дил бо ки бигуям, ки ғами андак нест,
Ғазали шиква балаб, қофия тангаст , эй дӯст.
Дур аз хоки ватан, ҳасрату андӯҳ ба дил,
Ҳар нигаҳ дар назарам тири хадангаст, эй дӯст.
Рӯзи ман шоми сиёҳаст, шабам ялдоӣ,
Софии оина дар панҷаи зангаст, эй дӯст.
Зеру бам дар нафасам, пардаи сад нолаву оҳ,
Хоби ман беҳушию рафтанӣ рангаст, эй дӯст.
Гар даме ғофилам аз ёди ватан, дурам бод,
Ғафлат аз ёди ватан, мояи нангаст, эй дӯст.
Хизри вақт ар ту ба сарвақти ғарибон нарасӣ,
Сорбон хаста, дили қофила тангаст, эй дӯст.
Мо ҳама содаву, хушбовару бо ҳам ба ситез,
Хасм пурфитнаву, пурмакру зарангаст, эй дӯст.
Юсуфи мо ба таги чоҳу, касе огаҳ не,
Юнуси мо ҳала дар коми наҳангаст, эй дӯст.
Эй Навидо ту дилафсурдаву маҳзун мабош,
Оқибат домани мақсуд ба чангаст эй дӯст.

1993 с.

Ҷилваи андешаамро соҳати имкон нест,
Нақши пои корвоне ҳам дар ин майдон нест.
Ҳуҷҷату бурҳони мо омад нишон аз бенишон.
Ақлро дар мабҳаси мо ҳуҷҷату бурҳон нест.
Шакку тардиди вуҷуд андар адам ноогаҳист,
Он чи аз ҳастӣ сухан гуфтем, ҷуз ҳазён нест.
Домани авҳом бигрифтем умре бас набуд!?
К-инчунин мурдобро андар бағал туфон нест.
Мудракоти ақлу ҳис з-асбоби илм омад вале,
Як сабақ аз ишқ дар ин дафтару девон нест.
Фаслу ҷинсу ҳад зи мантиқанд н-аз «Мантиқуттайр»,
Чун қиёси форик андар ҳадди истиҳсон нест.
Ман зи базми зоҳидони хушк бигрехтам аз онк,
Ҷӯяшон бе обу андар абрашон борон нест.
Дар масоиб борҳо дидам, ки раҳ сӯи Худост,
Гар зи исён раҳ ба сӯи Ӯ бари, исён нест.
Ман нагӯям з-ихтиёри худ раҳи исён бигир,
Лек аз тири қазо бигрехтан осон нест.
Эй Навид аз амри девони қазо чун во раҳи?
Гар туро мӯҳри итоат зери ин фармон нест?

Сабоҳал хайр эй соқӣ, ки ту ҳастиву мо ҳастем,
Каҷу-маҷ меравем ҳарду, ки ту мастиву мо мастем.
Шаробе дар сабӯ кардам, видоъи обурӯ кардам,
Сари мову маниҳоро , ту бишкастиву бишкастем.
На аз худ будаам як дам, на бе худ будаам як дам,
Кунун з-они туам эй ҷон, ки пайвастиву пайвастем.
Матоъи худнамоиро ба дасти нокасон додем,
Зи худкомиву бадномӣ, аҷаб растему ҳай растем.
Салом эй аҳли майхона, саломи масти риндона.
Шумо эҳроми май бастеду мо эҳроми май бастем.
Салом эй хайли майхорон, муборак бод ин даврон,
Шумо дар пои хум мастеду мо дар пои хум мастем.
Салом эй хум, салом эй май, саломе пур зи ҳую ҳай,
Ки ин мастӣ чу сар ояд кӣ медонад, ки мо ҳастем.
Бигӯ эй май, ки дар дастӣ, чӣ сон бо нашъа пайвастӣ,
Дар он базме, ки будастӣ, магар мо низ будастем.
Ало ё айюҳал мавло, Навид афтодааст аз по,
Бидеҳ дасте ту бар дасташ, ки мо афтода аз дастем.

Дар чаманҳо рангу бӯ хушкидааст,
Шоху барги орзӯ хушкидааст.
Чанд меҷӯи нишони эътибор,
Дар рухе, ки обрӯ хушкидааст.
Гӯши ибратошноён шуд гарон,
Нолаи най дар гулӯ хушкидааст.
Ноқаи мо роҳ бар манзил набурд,
Чунки пои ҷустуҷӯ хушкидааст.
Бода боди ҷаҳл дар сар парварад,
Нашъа дар ҷому сабӯ хушкидааст.
Бо садои ҳоюҳу бояд гирист,
Бар диле, ки завқи ҳу хушкидааст.
Хирмане аз ҳарфу мазмун арзане,
Маъни андар гуфтугӯ хушкидааст.
Дар дили бемуддаъои мо Навид,
Шоху барги орзу хушкидааст.

Эй ҳарифон, зи чӣ сад валвала бунёд кунед?
Зи чӣ сад фосилаву тафриқа эҷод кунед?
То ба кай теғи забон хуни мусалмон резад?
То ба кай хотири ҳам хаставу ношод кунед?
Чун адоват набувад дархури муслим, зи чӣ рӯ,
Кинатузию сияҳкорию бедод кунед?
То ба кай мазҳакаи ҳар касу нокас бошед,
Бахудо! Ончи худо гуфтааст ёд кунед.
Ло такунукал лазина тафарраќу вахталафу,
Пас аз ин гуфтаи ҳақ баҳри чи илҳод кунед?
Фитнаро чун бадтар аз қатл бигуфтаст Худо,
Оташи фитна чаро бо дами худ бод кунед?
То ба кай аз ҳасади Булаҳаби дар табу тоб,
То ба кай даъвии Фиръавнию Шаддод кунед?
Ҳилму тамкини Паямбар суннат аст бар ҳамагон,
Ҷони Буҷаҳли бадандеш чаро шод кунед?
Чун таъовун ба накӯиву ба тақво бошад,
Ба ҷафокорию ъудвон зи чӣ имдод кунед?
Нола аз дил чу барояд, ба диле биншинад,
Эй нафасбеасарон, баҳри чӣ фарёд кунед?
Рухи Ширин чу надидед аё бебасарон,
Пас чаро таънаи беҳуда ба Фарҳод кунед?
Баҳси бе моя бувад маҳбаси ҷон дар чаҳи тан,
Ҷони озода зи чоҳи бадан озод кунед.
Фахри ансоб бувад расми ҷаҳолат, зи чӣ рӯ,
Такя бар фазли абу шӯҳрати аҷдод кунед.
Чун Худованд бишуд розӣ ба ислом аз мо,
Шукри ин неъмату ин бахти худодод кунед.
Чун бувад раҷъати мо сӯи Худои ду ҷаҳон,
Охир, андеша зи ҳангомаи мийъод кунед.

1992 с.

* * *

Хароби бодаи ишқам, раҳи майхона гум кардам,
Тиҳӣ аз шавқаму ҳам соғару паймона гум кардам.
Бидор, эй сорбон, маҳмил, ки хок аз гиря созам гил,
Ки ман рӯзе дар ин манзил дили девона гум кардам.
Ман он мурғам, ки доштам ошиён бар торами аъло,
Асири банди тан гаштам, раҳи кошона гум кардам.
Замоне оташи сӯзандае буд ҷисму ҷони ман,
Кунун сарду хамӯшам, машраби парвона гум кардам.
Асирам, бехудам, вомондаам, овораи ишқам,
Харобам, бедилам, саргаштаам, ҷонона гум кардам.
Ба гирдоби ҳаводис ғарқаам, бар хеш мепечам,
Дури мақсуди худро дар миёни хона гум кардам.
Дили вайронаи худро агар ҷӯям, макун айбам,
Ки ман ганҷи фаровоне дар ин вайрона гум кардам.

* * *

Ё бадиал ҳусн ё бадрал мунир,
Анта ҳайун анта боқин фи замир.
Қад наҳони лоими зикрал висол,
Инни ло асмаъ ило қавлиннакир.
Имтиноъи минка мавтун оҷилун,
Иҷтинлоби минка саъбун ва хатир.
Мо санаъту мо таракту мо ақул,
Иннака анта-с-самиъу валбасир.
Куллу ҳаммин фи тариқика сурур,
Куллу маъсурин фи ҳуббика ясир.
Қад раайту фи маномӣ ваҷҳака,
Маъшарал ушшоқ! Ҳал ҳозо башир?!

1978

Ало ё ман хаёлука фи фуодӣ,
Ва ҳуббука муниси фи инфиродӣ.
Валав озайтани би-з-зачри вал ҳаҷр,
Ило бобика руҷуъи ва маъодӣ.
Вақафту соилан ё соҳибад-дор,
Ва арҷу минка имҳоа саводӣ.
Аъишу хоифан ва роҷиялъафв,
Музиллун анта ё мавло ва ҳодӣ.
Баъидун манзилӣ валлайлу музлам,
Алайка ё ҳабиби иътимодӣ.
Насимуссубҳи мин тилқои дорик,
Ало ё лайта ҷовазат биводӣ.
Ало ман ятлубу шайан яҷидуҳ,
Самиъту мин мунодиян юнодӣ.
Ва мо мин соилин маҳрум дунак,
Каримун анта ё раббал ъибоди.

1978 с.

* * *

Сад чаман ҳамеболад, аз ҷамоли гулҷӯшаш,
Бӯи ноз меояд, аз баҳори оғӯшаш.
Дар нишемани улфат, ҳарфи мо фузулӣ буд,
Сад ҷаҳони маъно бин, дар лабони хомӯшаш.
Чашм то ба рӯям баст, гум шудам дар ин водӣ,
Ман ба худ намеоям, то шудам фаромӯшаш.
Зулфи ӯ шаби қадр аст, нест ҷои дилтангӣ,
Нашъаи саҳар дорад, машриқи багногӯушаш.
Ишқ ар бувад арзан, ақл ар бувад хирман,
Хирмане ба як арзан, суд хоҳи бифрӯшаш.
Аз гиреҳи абрӯяш, ларзае бо ҷон, аммо
Ғамзаи ниҳон дорад, наргиси хатопӯшаш.
Пои қофия лангаст, эй Навид чун созам,
Сад ҷаҳони маъно бин, дар лабони хомӯшаш.

Абр омад бо дили маҳзуну, бар саҳро гирист,
Гӯӣ Маҷнун аст, к-андар мотами Лайло гирист.
Як шаб аз рӯзи сиёҳи хеш, ёд омад маро,
Дар хаёлам дӣ гирист, имрӯз бо фардо гирист.
Рӯзгори рафтаро рӯзе ба ёд овардамаш,
Чун шунид ин қиссаро, он ёри бепарво гирист.
Соғари чашмам мудом, пур аз шароби талх буд,
Кай тараб орад майе, к-андар дили мино гирист.
Шояд ин борони ғам, шодоб созад ҷони мо,
То бихандад ин чаман, абр омаду дарё гирист.
Бар сари куяш гузар афтод, баъди солҳо,
Ҳасрати гумгаштаам, дар синаи дунё гирист.
Сӯзи ҷони мо чу бигзашт аз раҳи дил , эй Навид,
Аз қалам нақши ғам омад, ин ҳама маъно гирист.

* * *

Эй баҳори рангу бу вақтаст то ҷавлон кунӣ,
Ҷони сармохӯрдаи моро, зи нав ҷунбон кунӣ.
Ғунчасон хуни ҷигар хурдем, дар зиндони тан,
Вақти онаст нарм-нармак, рахна дар зиндон кунӣ.
Дар замини ҷони худ, тухми таманно коштем,
Дар баҳорон абри найсон, ончи бикнад, он кунӣ.
Мулки тан обод кардем, хонаи дилро хароб,
Ин яке обод созӣ в-он дигар вайрон кунӣ.
Ту чӣ дарёӣ? На мавҷе, не талотум дар бағал,
Кай бувад? Чин бар ҷабин орӣ дусад тӯфон кунӣ.
Тутии ту дар қафас парру фари худ рехта,
Кай қафасро бишканӣ? В-ин мурғро паррон кунӣ.
Тан задӣ дар куи тан меҳри ватан аз ёд рафт,
Месазад эй фил, ки гаҳ-гаҳ ёди Ҳиндустон кунӣ.
Достони ишқро оғоз не анҷом не,
Вақти он аст, эй Навид ин қиссаро поён куни.

Ёр аз мо саргарон шуд вой- вой,
Тира дар чашмам ҷаҳон шуд вой-вой.
Баҳри ту охирзамон дурасту дур,
Баҳри ман охирзамон шуд вой-вой.
Дӣ шакар дур аз лаби ӯ хӯрдаам,
Заҳр бар кому даҳон шуд вой-вой.
Гиря кун, эй абри баҳман гиря кун,
К-он баҳори ман хазон шуд вой-вой.
Гум намуда ман варо дар куи дил,
Нақши пояш бенишон шуд вой-вой.
Умрҳо бо меҳри ӯ ху кардаам,
Ин замон номеҳрубон шуд вой-вой.
Ё зи мо ҷурму хатое диду рафт,
Ё, ки аз мо бадгумон шуд вой-вой.
Майл кардам ҳоли дил гӯям вале,
Дур аз шарҳу баён шуд вой-вой.
Бо, ки гӯям, эй Навид ин қиссаро,
К-ин чунин буду чунон шуд вой-вой.

* * *

Ман, ки дарси ишқро бе абҷад аз бар кардаме,
Лоҷарам ҷабру ситам бар ҷони абтар кардаме.
То дар ин водӣ ниҳодам пои худ бе поймард,
Ҳай давидам ҳар тараф, ҳай хок барсар кардаме.
Чун дурангиҳои неку бад барам якранг буд,
Эй басо хармуҳра бо гавҳар баробар кадаме.
Аз муҳаққиқ то муқалид, қисса бишнидам басе,
Алғараз ин ҳардувонро сахт бовар кардаме.
Дар чунин роҳи хатире, ақл буд ҳамроҳи ман,
Ҳар нафас ҷангу ҷадал, бо нафси кофар кардаме.
Гоҳ пирузӣ насиби ақлу гоҳ аз нафс буд,
Хешро дар ин миёна зору музтар кардаме.
Фитрати озоди ман, бори таъаллуқ бар надошт,
Иқтидо бар мазҳаби сарву санавбар кардаме.
Ман на озодам на бандӣ, чун зи ҷабру ихтиёр,
Умри худ сарф андарин зиндони шашдар кардаме.
Чун дар ин бозор колое ба ҷуз ҳайрат набуд,
Чашм бастам з-ин ҳама, худро қаландар кардаме.
Чун бидидам, к-андарин раҳ деву дад бисёр буд,
Аз сари фитрат ҳавои роҳи дигар кардаме.
Дафтару девони тақлидпешаи бе мояро,
Дидаму сад ҳайф бар девону дафтар кардаме.
Рангу бӯе аз вафо, дар сунбулу райҳон набуд,
Доғи ҳасрат дар ҷигар чун лола музмар кардаме.
Иддае доранд бар ман доварӣ аз шакку райб,
В-аз яқин ман такя бар додори довар кардаме.
Хурда бар гуфтори мову аз Навид камтар бигир,
Ончи устоди азал омӯхт, аз бар кардаме.

* * *

Ҳама гуфту шунуди мо, гумонастӣ саробастӣ,
Ва ё амвоҷи дарёи ҳақиқатро ҳубобастӣ.
Ҷаҳон ойинаасту нақши ғайбӣ ҷилвагар дар ӯ,
Вале худро ҳамебинему ин дидан ҳиҷобастӣ.
Шабони тираи танро, ба нури ҷон бикун равшан,
Ба худ чашме кушо, к-андар замират офтобастӣ.
Ҷаҳон ҳодису, дар ҳар лаҳза аз нав мешавад пайдо,
Ту якрангӣ чӣ меҷӯӣ, асири инқилобастӣ.
Ҳама гети саросар як муаммоест сарбаста,
Ҷавоб аз кӣ ҳамеҷӯӣ, ки андар худ ҷавобастӣ.
Ба пои шавқ паймо роҳи Ҳақ, бе ҳуҷҷату бурҳон,
Ки дарси ишқ мустағнӣ, зи девону китобастӣ.
Ту бар таъмири тан пардохта, в-аз ҷон шуди ғофил,
Вале анҷоми ин маъмура, вайрону харобастӣ.
Навид умри гаронмоя, ба ғафлат меравад афсӯс,
Ту дар хобию хобат маргу бедорит хобастӣ.

Ман аз ин води садои ҷарасе мешунавам,
Зи насими саҳари бӯи касе мешунавам.
Шукри беҳад, ки нашуд нолаву фарёд абас,
Мужда аз муршиди фарёдрасе мешунавам.
Чӣ баҳораст, ки гулшан ҳама дар банди хазон,
Нағмаи мурғи чаман, аз қафасе мешунавам.
Ҳамраҳон рахт бубандед, салои сафараст,
Ки ман ин бонги диро, ҳар нафасе мешунавам.
Оҳ аз ин қоидаи чархи каҷи шӯъбадабоз,
Ки Ҳумо рафту, танини магасе мешунавам.
Ин на гуфтори манасту на хаёлоти Навид,
Ман аз ин қисса паси парда басе мешунавам.

Даме гум гаштам аз худ бениёзиро зиён омад,
Ба души фитрати озоди ман, бори гарон омад.
Биҳиштэҷоди худ будам, ман аз афсуни берангӣ,
Зи худ рам кардаам то имтиёзи ину они омад.
Кунун дар водии улфат, дарахти отифа хушкид,
Баҳори ин чаман оғушта бо бӯи хазон омад.
Ба базми беғамон пинҳонӣ дар худ мотаме дорам,
Зи сози хандаи ноҷурам оҳанги фиғон омад.
Чу обе хурд абри осмон бо миннати дарё,
Арақ шуд аз хиҷолат, қатра-қатра з-осмон омад.
Чи медонӣ ту ҳоли зори он озода машраброр?
Ки бо қадди дуто гашта, ба умеди ду нон омад.
Паямбар гуфт хоке барзанед дар рӯи маддоҳон,
Хилофи ин ҳамебинам, аҷаб давру замон омад.
Аз ин саҳро насиме бас ҷунуномез меояд,
Видоъ эй ақли саркаш, пои фурқат дар миён омад.
Навид чун гавҳари воло, ба қаҳри баҳри туфонист,
Ҳуҷуми сад бало бингар, ки баҳри имтиҳон омад.

Аз саҳаргоҳон сафоро бурдаанд,
Чашми ибратошноро бурдаанд.
Фарвадин беморгуна зардрӯст,
З-ин чаман сабзинаҳоро бурдаанд.
Ҷони моро шикваҳои дигараст,
Аз гулӯи най наворо бурдаанд.
Субҳро дар чоҳи шаб андохтанд,
Покии оинаҳоро бурдаанд.
Баски шуд беобрӯи обрӯй,
З-ин дукон ҷинси ҳаёро бурдаанд.
Буи ҷӯи мулиён н-ояд дигар,
Накҳати боди сaборо бурдаанд.
Ман чӣ гуям аз тиҳичашмони давр,
Ваҳ ки качкули гадоро бурдаанд.
Такягоҳе ҷуз сари зону намонд,
З-ин миёна муттакоро бурдаанд.
Миси моро зар намудан мушкиласт,
Баски duздон кимиёро бурдаанд.
Сад худо гуфтему дашвори ҳамон,
Чун зи дил завқи дуоро бурдаанд.
Бас дили бишкаста бепайванд монд,
В-ин табибон мумиёро бурдаанд.
Ҳар гиёҳе ҳаст дар ин кишта лек,
Донаи мардумгиёро бурдаанд.
Нақбзанҳои хазина кистанд?,
Ё магар, ки нақши поро бурдаанд?.
Тирачашму тирадил биншастаем,
Во дареғо тутиёро бурдаанд.
Хоб дидам ин саҳаргаҳ, эй Навид,
Назди хоҷа моҷароро бурдаанд.

1996 с.

Вақтаст то аз ин дар, ҷои дигар гурезам,
Пое зи сар бигирам, беповусар гурезам.
Як душманаст дар пай, чобуку чӯсту чолок,
Шояд ба хоб монда, ман бехабар гурезам.
Ғафлат надорад аз ман, ҷуз шаб, ки ӯ бихобад,
Шабро ба ӯ гузорам, вақти саҳар гурезам.
Шаб ҳам ба хоб ояд, ғавғову ав-ави ӯ,
Лоҳавла гуяму пас, то пушти дар гурезам.
Девонааст ин саг, занҷири худ гусаста,
Ҳарҷо, ки бинам ӯро, осемасар гурезам.
Гар моҳро бубинад, девонатар бигардад,
Девонатар бигардад, девонатар гурезам.
Ман куфта гардам аммо, ӯ ҳамчунон дар так,
Ӯ хастагӣ надорад, ман ҳарқадар гурезам.
Шабро ба рӯз орам, ку хобу истироҳат,
То боз рӯз ояд, ман аз хатар гурезам.
Ночор боядам кушт, ин саги нафси бадкеш,
Варна халос набвад, гар то Қатар гурезам.

Ин саҳар гузори мо, бар диёри шабнам буд,
Боғу роғи ин водӣ, чун биҳишт хурам буд.
Боғ масту саҳро маст, дидаи тамошо маст,
Созу барги сад мастӣ, ҳарчи буд фароҳам буд.
Ҷилваҳои зебоӣ, беҳиҷоб дидастӣ?
Пардае набуд онҷо, чун нигоҳ маҳрам буд.
Боғ боғи ҷаннат буд, бод боди раҳмат буд,
Куҳ Тури Сино буд, об оби Зам-зам буд.
Ман ба қулзуми шабнам, бас шино намудастам,
Обу рӯшаноиро, дидаам, ки бо ҳам буд.
Лоларо на доғе буд, ҳам зиғам фароғе буд,
Боварат агар ояд, як ҷаҳони беғам буд.
Аз сабо чу Руҳул қудс, гашта боғ обистан,
Ғунчаҳои душиза, ҳаряке чу Марям буд.
З-он ҷаҳони зебоӣ ҳасрате ба дил дорам,
Дидаи тамошоро, фурсати нигаҳ кам буд.
Эй Навид агар хоҳӣ, қиссаро зи сар гуям,
Ин саҳар гузори мо, бар диёри шабнам буд.

Лаҳзаи бо ту буданам, лаҳзаи ҷовиданӣ буд,
Ишқи заминии маро, нашъаи осмонӣ буд.
Бо ту бало бало набуд, бо ту фано фано набуд,
Лаҳзаи бе ту буданам, мотами зиндагонӣ буд.
Фурсати як баҳор буд, фасли шукуфтани маро,
Чашм чу боз кардаам, дамдамаи хазонӣ буд.
Ин дили доғ дори ман, мазҳаби лола дорадо,
Хандаи бенишоти ман, аз алами ниҳонӣ буд.
Аз худу аз ҷаҳони худ, тирадилу фусурдаам,
Огаҳиям ҳарончи буд, ғафлату саргаронӣ буд.
Баски фузулӣ кардаам, ногаҳу гаҳ ба даргаҳаш,
Пурдил аз он будам, ки ӯ, дар сари меҳрубонӣ буд.
Гумшудаам ман эй Навид, бодияии вуҷудро,
З-онки нишони роҳи ӯ, дар раҳи бенишонӣ буд.

Боди саҳро бидиҳад шарҳи парешонии ман,
Ту чӣ дони зи ману бесарусомонии ман.
Агарат дар дили ҳодиса гузор афтодаст,
Бишавӣ огаҳ аз ин ҳолати туфонии ман.
Дар шигифтам, ки ҷунун раҳзани ақлам нашавад,
Дар чунин вазъи парешонию буҳронии ман.
То бакай дар тафи ин бодия саргардонӣ?
Раҳ ба Мино набарад, ноқаи қурбонии ман.
Бо ҳама сохтан аз баски нифоқолудаст,
Бо дурангӣ нахӯрад, тинати имонии ман.
Аз бадан моя гирифтанд, ҳарифон варна,
Баҳравар будаанд аз нашъаи руҳонии ман.
Ман нагуям, ки сухан, фоқиди маъно гашта,
Ин маонӣ шудааст, боиси ҳайронии ман.
Атри гул дар қадаҳи лола шамидастӣ магар,
Аз чаманзори ману, табъи гулистонии ман.
Чун сабо роҳи дили ғунча бидонӣ онгаҳ,
Офарин хони ба завқи ману раҳдонии ман.
Ноқидон ҷавҳари маъни нашиносанд басе,
Аз гаронҷонии ин тоифа арзонии ман.
В-аз тунукобию камзарфии ин булаҷабон,
Дониши маҳбасию, фитрати зиндонии ман.
Ашк рушангари рози дили пурхуни манаст,
Дили маҳзуни ману, дидаи боронии ман.
Силии сад гунаҳам, чеҳраи дил карда сиёҳ,
То қиёмат наравад, доғи пушаймонии ман.
Аз хирад ҳамчу Навид, баски тағофул кардам,
Оқилон нукта нагиред, ба нодонии ман.

Номи ту ба лаб омад, нағмаву тараннум шуд,
Нашъаи висоли ту, ҷому бода шуд, хум шуд.
Порае зи нур уфтод, аз куҷо намедонам,
Ҳастӣ дар миён омад, дар адам талотум шуд.
Он ҷамоли мутлақро, шавқи дидани худ буд,
Ронда аз биҳишт Одам, дар баҳои гандум шуд.
Мири маҷлиси имкон, аз хирад ҳамелофид,
Ишқ рух намуд он дам, ақли булҳавас гум шуд.
Ламъае зи нури Ҳақ, бар ҷимоди улвӣ зад,
Барқ шуд шаҳобе шуд, моҳу меҳру анҷум шуд.
Дил ҷаҳони маъно буд, савт ку ҳиҷое ку,
Маънӣ бар забон омад, ҳарф шуд, такаллум шуд.
Чашми даҳрӣ нобино, пои фалсафӣ дар гил,
Он чаро намебинад, в-ин чаро зи раҳ гум шуд.
Аз насими руҳонӣ баҳравар набуд ҷоншон,
Кори ин ду бечора, дар сари таваҳум шуд.
Нури Ҳақ ҳаметобид, суи Ясрибу Батҳо,
Мустафо бурун омад, муқтадои мардум шуд.
Аз латофати табъаш, эй Навид пурсидам,
Сад баҳори болида, ғарқа дар табасум шуд.

Ҳадиси ишқи ҷонсузи туро, дар анҷуман гуфтам,
Заҳури ҷони ҷонро, дар таҷаллигоҳи тан гуфтам.
Зи бас ғафлатпаноҳон бехабар аз муддао буданд,
Ба ин Юсуффурушон, қиссаҳо аз пираҳан гуфтам.
Далели норасоиҳои худро кардаам ҷуброн,
Зи Бастому Нишопуру, зи Бағдоду Қаран гуфтам.
Басе мардони зангуна, бидидам в-аз сари ғайрат,
Каломи ибратомузе, зи мардиҳои зан гуфтам.
Паёме аз таҷаллии ҷамоли оламороят,
Ба гуши сабзаву гулҳои хушранги чаман гуфтам.
На ман гуфтам, агар ту нектар андеша бигморӣ,
Гаҳе аз ину он гуфтам, гаҳе аз мову ман гуфтам.
Зибас шавқи ҷамолат, домани андешаам бигрифт,
Зи қадди сарву, чашми наргису, бӯи суман гуфтам.
Хазоне дар чаман будам, ғарибе дар ватан будам,
Агарчи бо ҳарифон нукта аз "ҳубулватан" гуфтам .
Мусофир будаам дар водии ҳайрат, Навидосо,
Зибас ошуфтаҳолам, бо парешонӣ сухан гуфтам.

Ҷонҳо ба кор нояд, гар ҷони мо ту бошӣ,
Аз ду ҷаҳон гузаштем, гар з-они мо ту бошӣ.
Ин аҳдбастани мо, сад раҳ шикастани мо,
Бӯи вафо надорад, паймони мо ту бошӣ.
Мо худ гадои ишқем, не соҳибони дӯкон,
Чун соҳиби ду кавну дӯкони мо ту бошӣ.
Дар арсагоҳи маҳшар, аз мо гувоҳ пурсанд,
Мо худ гувоҳӣ додем, бурҳони мо ту бошӣ.
Чун ташна дар биёбон думболаи саробем,
Охир туро биёбем, пазмони мо ту бошӣ.
Гар ташна обҷӯй аст, ҳам об ташнаҷӯй аст,
Ҷуяндаем азеро, ҷӯёни мо ту бошӣ.
Ин кишта киштаи туст, дар мовароии имкон,
Ҳам обу обёру, борони мо ту бошӣ.
Вайронаҳои моро қиммат фузуди зеро,
Ганҷинаи ниҳоне дар кони мо ту бошӣ.
Чун ошкор гуфтӣ, гуфтем ошкоро,
Мо дар ниҳон ҳеҷем, пинҳони мо ту бошӣ.
Мо пушту рӯ надорем, чун рӯи туст бо мо,
Дар ломакон рақиби, имкони мо ту бошӣ.
Ирфон зи ақл ҷустем, аз урфу аз таъоруф,
Пур бехабар аз ин ки ирфони мо ту бошӣ.
Шоистагӣ надорем, баҳри пазириши ту,
Шоиста гар бигардем, шоёни мо ту бошӣ.
Аз ҷони худ гузаштем, ҳамчун Навид зеро,
Ҷонҳо ба кор нояд, гар ҷони мо ту бошӣ.

Чеҳра намуд субҳдам, қиссаи шаб тамом шуд,
Чашм кушод боядо, хоб дигар ҳаром шуд.
Боди самум боғро ранг зи рӯй бурдааст,
Дамдамаи хазониро кор бад-ин маром шуд.
Гуфта будем бар хурем, мо зи дарахти орзӯ,
Пӯхтагиву расидагӣ, ваҳ чи хаёли хом шуд.
Басту кушоди дидаро ибрату эътибор кӯ?
Умр бад-ин намат гузашт, субҳ дамиду шом шуд.
Бози фалакшикорро сӯи замин кашидаем,
Аз малакут пар кашид, бастаи банду дом шуд.
Зарфияти бақои мо ҷилваи шабнам асту бас,
Иллати ғоӣ рафтану омаданаш паём шуд.
Зиндагӣ рафт барҳадар, дар пайи даъвию ҷадал,
Умри азизи бебадал дар сари нангу ном шуд.
Ин ҳама саъйи норасо ҳарза нарафт оқибат,
Ишқи балоситезро, ақли рамида ром шуд.
Номаи ҳасратиНавид то ки бад-ин рақам расид,
Гиря раҳи гулӯ гирифт, хотимаи калом шуд.

Мутрибо созе бизан то даври худ даврон занем,
Пардаи тан бардарем, дар мулки ҷон ҷавлон занем.
Сафҳаи сад дафтару девон, сияҳ кардан чи суд,
Оташе аз сӯзи дил, бар дафтару девон занем.
Тутиёни гулшани қудсем, аз ноогаҳӣ,
Дар паси оина то кай худ ба худ ҳазён занем.
Мо зи Ҳиндустони ҷон, дар банди тан уфтодаем,
Кай қафасро бишканем, худро ба Ҳиндустон занем.
Чормехи хаймаи танро бикан, эй хаймагӣ,
То ба саҳни гулситони қудс шодурвон занем.
Қатраи ашки надомат ҳам, зи абри раҳматаст,
Хез оби раҳмате бар оташи исён занем.
Худнамоиро дусад бурҳону ҳуҷҷат сохтем,
То ба кай мо такя бар ин ҳуҷату бурҳон занем.
Пои мо дар роҳи Ҳақ лангасту аз нобихрадӣ,
Дам ба дам санги маломат бар сари шайтон занем.
Эй Навид фармони девони қазо бозича нест!
Хез, то муҳри итоат зери ин фармон занем.

Сад баҳори тоза омад, ин чаман дигар нашуд,
Чун насим аз тарфи ҷон буд, мулки тан дигар нашуд.
Аз ҳавои тозае, к-аз гулситони қудс буд,
Ҷонҳои мурда дар гӯри бадан дигар нашуд.
Ҳайфи фитрат бехабар аз тозакориҳои ишқ.
Худнамоиҳо дар ин базми куҳан дигар нашуд.
Оҳ аз ин бегонаогоҳони аз худ бехабар,
Оламе дигар шуду ин анҷуман дигар нашуд.
Дониш ин ҷо солҳо бебаҳра аз таҳқиқ буд,
Фаччу лач гуфтан дар ин кому даҳан дигар нашуд.
Кас надорад ҳеҷ ёде з-он азизи гумшуда,
Гарчи андар хотири мо пираҳан дигар нашуд.
Булбулонро нағмаҳо андар гулӯ бастанду лек.
Қоғ-қоғу қар-қари зоғу заған дигар нашуд.

Ҳар нафас ҳангомае аз чархи гардун рехтанд,
Дар фарози ин ҷаҳон, нақши шабехун рехтанд.
З-ин чаман ҷамъияти хотир намеояд ба даст,
Бар сари ин лолазорон, ташти пурхун рехтанд.
Марг аҳли ҷоҳро дар ҳоли мастӣ мерасад,
Дар хамири ин хасон аз оби афюн рехтанд.
Софии ойина тороҷи кудурат гаштааст,
Бар дили аҳли сафо борони афсун рехтанд.
Ҷамъиятро аз парешонӣ мураккаб сохтанд,
Хотири осударо, з-ин ҷамъ берун рехтанд.
Зери сақфи ишқ, ақли муддаиро ҷой нест,
Хишти ин вайронаро, аз хоки Маҷнун рехтанд.
Аз яқини оқилон, як Боязиде сар назад,
В-аз гумони орифон, ақли Фалотун рехтанд.
Ҳасратеҷодаст аз бас табъи ғамолуди ман,
Дар тараб ҳам ашкҳо бар ҷони маҳзун рехтанд.
Ин ҷаҳон бо вусъати худ, тангное беш нест,
Эй Навид, камзарфиҳо бар дашту ҳомун рехтанд.

Нағмаам к-аз норасоиҳо асар duздидаам,
Нолаам к-аз дардҳо хуни ҷигар дуздидаам.
Шабнами боғи таманноям ба нозукгавҳарӣ,
Ин сафову рушанӣ, аз чашми тар дуздидаам.
Хира-хира имтиёзи неку бад дорам агар,
Аз нигоҳи хушнигоҳон, як назар дуздидаам.
Гар каломам дар мазоқи аҳли маъно шаккар аст,
Оре-оре ин ҳаловат, аз шакар дуздидаам.
В-ар баҳори табъи ман, шодобу гулафшон бувад,
Аз гулистони хирад, як барги тар дуздидаам.
Сӯзише дар ҷони ноороми ман донӣ зи чист?
Шӯълае аз шамъу аз парвона пар дуздидаам.
Маънии мавзун агар дар дафтарам пайдо бувад,
Ман зи лавҳи хотири худ бехабар дуздидаам.
Гар ба хошоки ҷаҳолат, оташе дар додаам,
Ахгаре дар сина дорам, з-ӯ шарар дуздидаам.
Чун набошад қомати андешаам гардунситез?
З-ин баландиҳо, ки аз куҳу камар дуздидаам.
Интизори матлаъи хуршедам аз машриқи дил,
Заррае аз гарди домони саҳар дуздидаам.
Ҳимате бо ин баландӣ, дасти бо ин кутаҳӣ,
Бин, ки аз шохи баланде ман самар дуздидаам.
Ин қадар донам, ки беҳосил наям, ҳамчун Навид,
Андак-андак, з-аҳли дил илму ҳунар дуздидаам.

Биё, ки бо ту моро сахт кораст,
Ҷигар пурхуну дил пур доғдораст.
Ба ҳар водӣ, ки чашми худ кушодам,
Ғубор андар ғубор андар ғубораст.
Зи ҷабру ихтиёри мо чӣ пурсӣ?
Ки моро ихтиёрат ихтиёраст.
Ба дарёи бало андар фитодем,
Наҷоти киштии мо дар канораст.
Ҷаҳони эътибори мо ту бошӣ,
Чаро гӯи ҷаҳон бе эътибораст.
Табассум бар лаби мо заҳрхандаст,
Дили мо нусхаи сад лолазораст.
Қиёматинтизорони ҷаҳонем,
Ки моро фитнаҳо дар интизораст.
Зи бас шавқи шукуфтан мурда дар мо,
Ҳуҷуми сад хазон андар баҳораст.
Биё то бар сари паймон бимонем,
Ки аҳди ин ҷаҳон нопойдораст.
Агар мо бад бувем ту нек мебош,
Ки некию бадиҳоро шумораст.
Бадему интизори сад накуӣ,
Аз он к-ӯ неку бадро кирдгораст.
Чу ман худ дар шуморе бар наоям,
Чаро гӯям, ки ҷурмам бешумораст?
Худоро кай намуд ойинаи мо,
Ки ӯ бо худнамоиҳо дучораст.
Мадоро кун нигорино мадоро,
Ки даври чархи гардун бемадораст.
Навид, аз мо бигӯ он ошноро,
Ки бету ҳоли мо бисёр зораст.

Ҳақо, ки ҷаҳон сарои ишқаст,
Дар шаш ҷиҳаташ навои ишқаст.
Инҷо адаму вуҷуд як ҷост,
Дар айни фано бақои ишқаст.
Афлок зи ваҷд мебичархад,
Саргаштаву мубталои ишқаст.
Донӣ, ки баҳор аз чӣ зебост?
Ойинаи худнамои ишқаст.
Гармои тамузро бидидӣ?
Дар тобу таб аз ҳавои ишқаст.
Рухсораи зард тирамаҳро,
Донӣ зи чӣ? Аз балои ишқаст.
Ранг аз рухи дай чаро парида?
Даҳшатзада аз ҷафои ишқаст.
Бозори ғамаст ҷони ошиқ,
В-ин ғусаву ғам баҳои ишқаст.
Не-не на ғаму на шодмонист,
Болотар аз ин ду ҷои ишқаст.
Сад ҷилваи ранг-ранг дорад,
Маъшуқ, ки дар қабои ишқаст.
Аз ҳоли Навиди мо чӣ пурсӣ,
Гар шоҳ бувад, гадои ишқаст.

Намедонам чӣ мехоҳад дили бе муддаои ман,
Ба ҷое меравад, к-он ҷо на ҷои ӯ на ҷои ман.
Ҳама шаб дар муноҷотам, балои ишқ мехоҳам,
Ба домони иҷобат кай расад дасти дуои ман.
Ғаматро дӯст медорам, ки андар шодию ғам буд,
Аниси кунҷи танҳоӣ, ба ғурбат ошнои ман.
Талабро зинда медорад, ба мақсад норасиданҳо,
Худоё ибтидои кори ман кун интиҳои ман.
Вафои чун мане кай дархури аҳди ту хоҳад буд,
Ки аз бишкастану бастан, ба ҳам омад вафои ман.
Куҷо як саҷдаи мақбул нақше бар ҷабинам шуд,
Азонро ханда омад, бар намози норасои ман.
Ба ин камзарфиҳо дар дил таманнои дигар дорам,
Ки Симурғи ҳақиқат пар занад андар сарои ман.
Агар дил домани васлат раҳо карду ман аз дилро,
Ҳамин ранҷу ғамаст охир, сазои ӯ сазои ман.
Навид аз сар бурун кардам, ҳавои ину он яксар,
Шунидастам, ки пинҳонӣ ба сар дорӣ ҳавои ман.

Як даме кай вориди майхонаҳои дил шудам?
Сар ба пои хум ниҳодам, масти лояъқил шудам?
Хомӣ ҳам аз худ камоле дораду ман бехабар,
Хоми комил кай будам, то пухтаи комил шудам?
Ин қадар донам зи афсуни дили бе муддао,
“Дар китоби ошиқӣ, як нуктаи мушкил шудам”.
Ақл роҳам мезанад, ишқи ҷунунпарвар куҷост?
Пои худ дар банд дидам, то чунин оқил шудам.
Дил ба ҳоли хештан месӯзадам дар анҷуман,
То ба пиндори ҳарифон шамъи ин маҳфил шудам.
Гаҳ хатоям сӯи Ҳақ бурду савобам бар хато,
Менадонам дар раҳи Ҳақ ё раҳи ботил шудам.
Орзуи мавҷи баҳру шури туфонам ба сар,
Нохудое ку, ки ман побастаи соҳил шудам.
Аз қиёматинтизорони ҷунунам, эй Навид,
Сури маҳшар кай дамад, муштоқи Исрофил шудам.

Гум шудам бе туву дигар асаре нест маро,
Хабарам ҳаст, ки аз худ хабаре нест маро.
Он қадар аз пайи авҳом давидам, ки бас аст.
Пой рафтан ба ҳавои дигаре нест маро.
Укда накшуд зи бас нохуни андеша маро,
Сахт бечорааму чорагаре нест маро.
Ҳама дарҳо, ки задам ба рухи ман бар бастанд,
Ба ҷуз аз даргаҳи ту хеҷ даре нест маро.
Гар ба зулматкадаам субҳи таҷаллӣ надамад,
З-ин шаби тира умеди саҳаре нест маро.
Хаста гаштам зи худ охир ба куҷо бигрезам?
Ки ба ҷуз ҳасти ман дарди саре нест маро,
Ба ки гуям аламу ҳасрати беҳосилиям?
Нахли хушкидааму баргу баре нест маро,
Хирман андухтаам аз сараву носараҳо,
Ки ба мизони амал дар шумаре нест маро.
Сару по айбаму чашме ба ато ҳамчу Навид,
Ки ба ҷуз беҳунариҳо ҳунаре нест маро.

Дилам бигрифт аз гуфтору тарки анҷуман кардам.
Ба рағми жожхоиҳо танаффур аз сухан кардам,
Миёни қисаҳо дар интизори Юсуф аз ғафлат,
Бигу охир чи суд аз гуфтугуи пираҳан кардам?
Чу дар ойна дидам барфи пирӣ бар сару руям,
Ба ҳасрат чашми худ пушидаму ёди кафан кардам.
Дигар огаҳ шудам аз нури ҷон дар моварои тан,
Пушаймонам, ки умре сарфи таъмири бадан кардам.
Кунун худро бидидам бо ҳама зиштиву зебоӣ,
Ба ҳайрат андарам аз ин каромоте, ки ман кардам.
Баҳори дар хазон печидаам аз тангии фурсат,
Чун шабнам рафтнамро тавъам андар омадан кардам.
Иброатро раҳо кун в - аз ишорат дарки маъно кун,
Ки ман муҳри хамушӣ аз иборат бар даҳан кардам.
Навид аз матлаъи ин шеър мегуям ба такрорат,
«Дилам бигрифт аз гуфтору тарки анҷуман кардам».

Бибурдам номи ширини турову лаб ширин кардам.
Ба комам заҳри фурқат буд, пураш аз ангубин кардам.
Тамаъ дар меваи шохи баланде доштам, аммо,
Зи ҷурми кутаҳӣ дасте ниҳон дар остин кардам.
Ба саҳрои хаёлат нашъаэҷоди чаманзорам.
Ба лавҳи сина тасвири бахори нозанин кардам,
Чу дидам олами имконро ғойят набудан буд,
Суроғи гумшуда аз «ло уҳиббулофилин» кардам.
Зи ёри номувофиқ сахт бигрезам ба «лоҳавла».
Чаро ман ҳамнишини бо чунин «биьсалқарин» кардам,
На манро бар кассе борасту не касро ба ман коре,
Чу бо худ барнамеоям, фирор аз инсу ҷин кардам.
На бар кас чокаре будам, на касро меҳтаре будам,
Агар чи эътиборе ҳам барону ҳам барин кардам.
На девонро парӣ гуфтам, мунофиқро набистудам,
На неконро биозурдам, на бадро офарин кардам.
Буқалмунсифатон дидам пур аз найранги садрангӣ,
Сафову содагиҳоро чу нақше бар нигин кардам.
Навид аз ин парешон гуфтанат касро чи парвое,
Чаро беҳуда мегуи чунон кардам, чунин кардам.

Агар зинадгиро зи сар бар бигирам,
Аз ин пас раҳу расми дигар бигирам.
Дигар обу ойна бо ҳам биёрам,
Зи дарёи ойна гавҳар бигирам.
Баҳоре, ки рафта агар боз ояд,
Шукуфтан ба ойни дигар бигирам.
Сипас ҳар нафасро гиромӣ бидорам,
Ва баҳра зи ҳар як чи беҳтар бигирам.
Кунам воми гиря ман аз абри найсон,
Чаманро пур аз лу-луи тар бигирам.
Баҳор растахезасту ҳангоми рустан,
Аз ин нусха пайғоми маҳшар бигирам.
Чу озод гаштам зи бори тааллуқ,
Фироре аз ин дайри шашдар бигирам.
Замоне, ки ойи ба ёдам, зи ҳасрат,
Бисузам, гудозам ҳаме дар бигирам.
Ғами дил чу ашк аз қалам бартаровад,
Зи дил ёдгораш ба дафтар бигирам.
Навид умри рафта дигарбора н-ояд,
Чу ин сар хароб аст, он сар бигирам.

Мужда оварданд, к-аз шабҳо бурун хоҳам шудан,
Матлабам ин,ки зи матлабҳо бурун хоҳам шудан.
Қолиби афсурдаам маҳбуси қолибҳо шуда,
Ман ки аз зиндони қолабҳо бурун хоҳам шудан.
Тобу таб дорам валекин болу парвоз аз куҷо?
Ҳин! Қафас бишкасту з-ин табҳо бурун хоҳам шудан.
Мазҳаби дигар варои ин мазоҳиб дидаам.
З-ихтилофободи мазҳабҳо бурун хоҳам шудан.
Машраби бемашрабӣ обишхури оби бақост,
Месазад к-аз роҳи машрабҳо бурун хоҳам шудан.
Мансаби девони ишқ бе мансабӣ будасту бас,
Аҳд кардам то зи мансабҳо бурун хоҳам шудан.
Қилу қоли мадраса аз роҳи ишқам дур кард,
Аз саводу дарси мактабҳо бурун хоҳам шудан.
То ба кай аз собиту сайора дил пурхун кунам?
Ҳам зи саъду наҳси кавкабҳо бурун хоҳам шудан.
Як саҳар дар зулматистони вуҷудам эй Навид,
Мужда оварданд, к-аз шабҳо бурун хоҳам шудан.

*****

**Баҳор**

Ҳангоми баҳорасту чаман ғарқи табассум,
Ҳангомаи рангасту насимасту талотум.
Сад ҷилва ҳувайдост,таҷаллӣ ба таҷаллӣ
Сад замзама барпост тарокум ба тарокум.
Ҳам боғ пур аз лолаву ҳам роғ пур аз гул,
Булбул ба ғазалхониву қумрӣ ба такаллум.
Гар нашъа ба сар дори бирав ҷониби саҳро,
Ҳам гул қадаҳе бар кафу ҳам дашт пур аз хум.
Бишнав зи сабо ҳу-ҳуву аз фохта ку-ку,
Гунҷишк ба чи-чиву кабутар ҳама қум-қум.
Беповусарӣ чанд ба саҳрои тахайул?
Ошуфта чи мегарди ба майдони таваҳҳум.
Мо хурам аз онем,ки хурам шуда дунё,
Мо хушдил аз онем,ки хушдил шуда мардум.
Саргаштагӣ мероси падар омада бар мо,
Сад қофила раҳгум зада дар ҷодаи гандум.
Аз хонаи дил ғусса барандоз Навидо,
Ҳангоми баҳорасту чаман ғарқи табассум.

*****

**Соли барф**

Порина буд бар сарам ёду хайёли барф,
Имсол дидарушанам ман аз висоли барф.
Гӯйи замин гашта аруси сапедпуш,
Бар сар кашида чодари испедшоли барф.
Имсол пумбадонаро маҳсул кам буди,
Ҷуброни ӯ зи осмон омад ҷуволи барф.
Мо чучагону барф чу испедмокиён,
Гарми магар рамидааст аз зери боли барф.
Аз сӯи дашт ҳу-ҳуву афғон ҳамерасад,
Ё тундбод нола кашад, ё шағоли барф.
Сармозада ба гӯшаи манзил нишастаам,
Аз бас малули барфаму аз бас малоли барф.
Як шаҳри пур зи валвала ях басааст кунун,
Аҳсант бар маҳорату сеҳри ҳалоли барф.
Бо бӯсаҳои гарм илоҷе намо буто,
Лабҳои ях намудаи ман аз шамоли барф.
Ранги сапед чира шуда боғу роғро,
Дунё пур аз ниҳолу саросар ниҳоли барф.
Номи сияҳзуғол магар гум шуд аз ҷаҳон?
Мардум ғарам намудаанд ҳарҷо зуғоли барф.
Деви сапед боши ва ё Рустами замон,
Зурат куҷо ҳамерасад бо зури Золи барф.
Як шоми барфрез ду чашмам бар осмон,
Аз резаҳои барф кушодам чу фоли барф,
Ин буд,ки барф равнақи кишту зироатаст,
Соли накуст з-он,ки бувад сол соли барф.
Омад баҳору абр чу моми ба суг дар,
Борони ашк резадо дар иртиҳоли барф.
Ё қозиест абри баҳорон ба тахт бар,
Иншои амр мекунад дар пуртуколи барф.
Дорам умеди офият бар мардум эй Навид,
То соли дигар ояду бинам ҷамоли барф.

*****

**Тирамоҳ**

Сардаст ҳаво чун нафаси ошиқи бемор,
Зардаст ҳама дашту даман,боғу чаманзор.
Пургард рухони суману суриву гулнор,
Дар суги баҳорон ҳама биншаста ба тимор.
Ин бод,ки аз ҷониби мағриб чи вазон аст,
Ин боди самумасту ҳамон пайки хазон аст.
Мо барзгарон киштаи гандум даравидем,
Бар хирман-ш оварда шапидему шакидем.
Дар зери суми гову харон-ш сипаридем,
Курчак бигирифтему басе бод-ш кашидем.
Ин гуна ҷудо аз хасу хошок-ш намудем,
Ғалбер задему сараву пок-ш намудем.
В-он гаҳ ба ҷуволаш бигирифтем зи анбор,
Кардем ҷуволон ҳама бар аспу харон бор.
Бар ҷониби осиёб бибурдем-ш ба ночор,
Бар дул-ш бирехтем, лаболаб шуду саршор.
З-он пас сари ҷуйро бикушодем ба нова,
Ҳам чарх ҳамечархиду ҳам об калова.
То ин ки забарсанг бичархид ҳако-ҳак,
В-он чуби харак бар сари ин санг чако-чак.
З-ин чак-чаку з-ин ҳак-ҳаку оҳанги самоъӣ,
Гандум,ки ба рақс омаду афтод яко-як,
Дар байни ду санг омаду шуд суда ба як бор,
Шуд хамба пур аз орд аз ин гандуми пур бор.
Дар хона бибурдем-ш ҳама хураму хандон,
Бар кулӣ бирехтем пасандози зимистон.
Кадбону хамир карду алав кард ба дегдон,
То пухт чапотиву фатир, гирдаи тафсон.
Ҳамроҳи Навид шукр бигуфтем Худоро,
Бар неъмати алвону чунин нони гуворо.

*****

Месазад эй дил ба роҳи дуст саргардон шудан,
В-аз ҳама бигсастану дар хештан пинҳон шудан.
Не, ғалат гуфтам худиро дар ҳаримаш роҳ нест,
То ба ҷонон во раси мебоядат бе ҷон шудан.
Ин мақоми қилу қолу даъвии бисёр нест,
Кай ба даъво метавон марди чунин майдон шудан.
Гоми аввал маърифат бошад, ки дар майдони ишқ,
Бе далили раҳ набояд толиби сайрон шудан.
Маърифат он аст,ки андар дил яқин афзоядат,
В-ар на суде накнадат философи Юнон шудан.
Ҷазбаи Ҳақ гар набошад илм раҳзан мешавад,
Як қадам роҳаст аз инсонӣ то шайтон шудан.
Ҳарду гетӣ дар масал майдони чавгони қазост,
Растгорӣ чист? гуйе пеши ин чавгон шудан.

*****

Агар он ситамгар шаробӣ набуди,
Маро роҳу расми харобӣ набуди.
Гулобӣ қабое ба бар карда ёрам,
Ки ранге беҳин аз гулобӣ набуди.
Дили мо бисӯзад зи тоби ҷамолаш,
Агар чеҳраи ӯ ҳиҷобӣ набуди.
Зи зулфи сиёҳаш сияҳ рӯзгорам,
Парешониамро ҳисобӣ набуди.
Агар менадидам рухи ҳамчу моҳаш,
Ҷаҳонам чунин офтобӣ набуди.
Ба озодагӣ хӯ гирифтему моро,
Ғами чокариву ҷанобӣ набуди.
Сари об дидем дар ин води эй кош,
Ки ин дидани мо саробӣ набуди.
Ба гӯши дилам ин наво аз куҷо буд?
Гар он шухшанги рубобӣ набуди.
Навид ғарқи дарёи ишқ аст, оре,
Агар шармсори ҳубобӣ набуди.

* * *

Аз мулки гиря рафтам, то кишвари табассум,
Нақши баҳор дорад бому дари табассум.
Эй ҷони сардхурда дар қолаби фусурда,
Чун ғунча сар бурун кун аз манзари табассум.
Боди сабо саҳаргаҳ сури сарофилӣ зад,
Омад баҳору саҳро шуд маҳшари табассум.
Ҳар мурғ бо навое бо лаҳҷаву адое,
Таблиғи ишқ мекард аз минбари табассум.
Ҳар гул қадаҳ гирифта дар интизори мастон,
Аз шабнами шабона дар соғари табассум.
Шуд лола ғарқа дар хун бо синаи пур аз доғ,
Дар водии шаҳодат аз ханҷари табассум.
Эй, ғунча,рӯй бинмой, в-эй муғча, чашм бикшой,
То кай ба ноз хуфтан дар бистари табассум.
Ҳамчун гуноҳи тоиб аз офтоби раҳмат,
Эй барф, мегудози дар миҷмари табассум.
Ғурбатсарои андӯҳ ҷавлонгаҳи гумон аст,
Бархезу рахт барбанд, то бовари табассум.
Омад Навиду моро шӯри Қиёмат афзуд,
Дуздида ин ғазалро аз дафтари табассум.

* * *

Эй насими субҳ бар тарфи чаман оҳистатар,
Сарбахоб аст он бути гулпираҳан оҳистатар.
Ӯ ба хобу буса бар рухсори гулрангаш мазан,
Эй сияҳзулфи шикан андар шикан оҳистатар.
Аз латофатҳои табъаш эй чаман огаҳ найи,
Ёсуман оҳиста бошу настаран оҳистатар.
Чун ба шаҳристони ӯ мурғи саборо роҳ нест,
Гу бирав пайки Сулаймон бар Яман оҳистатар.
Юсуф аз мо кай ғариб, мо худ ғарибӣ Юсуфем,
То аз ӯ вомонда андар пираҳан, оҳистатар.
Аз тунук обӣ шаман шуд чеҳрапардози санам.
Он санам дар нақш н-ояд, эй шаман, оҳистатар.
Куштаашро хунбаҳои ишқ бошад дар бадал,
Аз хушиҳо менагунҷад дар кафан, оҳистатар.
То дилат ором гирад, хоби худ бар об гӯй,
Нуктадоне нест дар ин анҷуман, оҳистатар.
Аз сухан тасвири ҳусни ӯ чи меҷӯи Навид,
Аз тахайюл бигзару андар сухан оҳистатар.

* * *

Ёр аз мо саргарон шуд вой- вой,
Тира дар чашмам ҷаҳон шуд вой-вой.
Баҳри ту охирзамон дурасту дур,
Баҳри ман охирзамон шуд вой-вой.
Дӣ шакар дур аз лаби ӯ хӯрдаам,
Заҳр бар кому даҳон шуд вой-вой.
Гиря кун, эй абри баҳман гиря кун,
К-он баҳори ман хазон шуд вой-вой.
Гум намуда ман варо дар куи дил,
Нақши пояш бенишон шуд вой-вой.
Умрҳо бо меҳри ӯ ху кардаам,
Ин замон номеҳрубон шуд вой-вой.
Ё зи мо ҷурму хатое диду рафт,
Ё, ки аз мо бадгумон шуд вой-вой.
Майл кардам ҳоли дил гӯям вале,
Дур аз шарҳу баён шуд вой-вой.
Бо, ки гӯям, эй Навид ин қиссаро,
К-ин чунин буду чунон шуд вой-вой.

* * *

Метапад дилам имшаб, эй нигор меойи,
Бе карона гардидам, дар канор меойи.
Нашъаи шукуфтанҳо, дар замири ман гул кард,
Файзи сад чаман дорам, эй баҳор меойи.
Бодро сало кардӣ, абри раҳмат оварди,
Қатра-қатра меойи, бешумор меойи.
Ин чӣ шаб, ки пайғоми як ҳазор маҳ дорад?
Дар шабе ки маҳ дорад, як ҳазор меойи.
Дил магар гирифтастат аз муҳити якрангӣ,
Суи рангрангонат аз хумор меойи.
Зин сухан аҷаб ояд омаро, вале гуям,
Хоҷаи вале гаҳ-гаҳ бандавор меойи.
Имшаб аз хаёли ӯ, эй Навид нағнудам,
Гар ту хоб будасти, бар чӣ кор меойи.

* * *

Ин дигар эҳсоси нерӯи ҳаваспарвар набуд,
Ҳарчи буд аз жарфнои ҷон буд, аз дигар набуд.
Майл буди бар гулу сунбул чаман сероб буд,
Ё магар ин боғҳо пурсарви симинбар набуд?!
Бо лаби хушкам аз он к-ӯ дидаам пурнам аз ӯст,
Дар чаман чун ӯ гулу дар об нилуфар набуд.
Бас ки кажбозон бибурданд обрӯи ишқро,
З-ин сабаб з-ошуфтагиҳои манаш бовар набуд.
Ман зи рӯи сдқу имон додаам дилро зи даст,
Варна дар кеши мусалмонӣ чу ӯ кофар набуд.
Кори мо то сарҳади инкору бовар рафта буд,
Ман аз ӯ бубридаме, гар тарсам аз маҳшар набуд.
Он румузе, каз хати абруи ӯ кардам зи бар,
Гар набуд аз «мин ладун» дар ҳеҷ як дафтар набуд.
То аз ин раҳ ман дарун рафтам ба даргоҳи худӣ,
Нек дидам, ҷуз ҳамин дар даргаҳашро дар набуд.
Чун раҳам аз растахези чашми масташ, эй Навид?
Ғайри ӯ дар кишвари дил, раҳзану раҳбар набуд.

Дилдор роҳи хонаи моро зи ёд бурд,
Ҳам қиссаву фасонаи моро зи ёд бурд.
Дасте ба кору чашми балокаш ба роҳи ӯ,
Рӯзе дусад баҳонаи моро зи ёд бурд.
Он мурғи ром бахри чӣ аз мо рамиду рафт,
Моно, ки обу донаи моро зи ёд бурд.
Дӣ буд нишеманаш дили дардошнои ман,
Дардо, ки ошёнаи моро зи ёд бурд.
Чун нойи бенаво зи лабаш дур мондаем,
Мири наво таронаи моро зи ёд бурд.
Ӯ аз канор рафта ба шодиву хуррамӣ,
Андӯҳи бекаронаи моро зи ёд бурд.
Оҳи саҳаргаҳӣ ба дилаш бе асар гузашт,
В-он гиряи шабонаи моро зи ёд бурд.
Ин ғуссаро кучо бибарам ҳамраҳи Навид.
Дилдор роҳи хонаи моро зи ёд бурд.

* * *

Пири риндон як назар бар ҳоли зори мо накард,
Ҷуръае аз бодаи ваҳдат нисори мо накард.
Сар ба каф бинҳодаем дар роҳи он мири шикор,
Сайди лоғар будаем, майли шикори мо накард.
Чун ниҳону ошкори мо набуд андар шумор,
Илтифоте бар ниҳону ошкори мо накард.
Ё гиёҳи ҳарза будем дар биёбони вуҷуд,
Абри найсон дар баҳорон обёри мо накард.
Ё вуҷуди мо ғубори домани авҳом буд,
Эътиборе бар вуҷуди чун ғубори мо накард.
Бо хаёлаш соҳати дилро баҳоре кардаем,
Чун насими субҳдам сайри баҳори мо накард.
Умрҳо чун хоки раҳ дар интизори мақдамаш,
Метапидему гузар бар раҳгузори мо накард.
Бо лаби пурханда умре хуни дил хурдему лек,
Ёри мо андешае аз рӯзгори мо накард.
Мо кунун мурдему ҷон бурдем ҳамроҳи Навид.
Аз сари шафқат гузоре бар мазори мо накард.

* * *

Ту кай аз мулки ғурбат дилбари гӯмгашта меойи,
Ба умеде нишастам рафтиву баргашта меойи.
Ду фарвардин гузашту ҳамчунон дар ин таманноям,
Ки ҳамроҳи сабо бо бӯи гул оғушта меойи.
Ту бо пироҳани абриву бо он чодари обӣ,
Ба хобам чун парӣ, гоҳе чу як афришта меойи.
Магар коғаз набуд дар мулки Ҳинд, баҳри чӣ эй золим,
Тасаллои диламро номае нанвишта меойи.
Ба тору пуди ҷонам риштаи меҳри ту печида,
Ниҳонӣ бастаам дар пойи ту ин ришта меойи.
Дили сангу нигоҳи сарди ту пайғом медоданд,
Ки меойи, вале аз ғусса моро кушта меойи.
Навид дар интизорӣ сурати девор гардида,
Ту кай аз мулки ғурбат дилбари гӯмгашта меойи.

* * *

Чун шамъ дар ин анчуман, сад гуна доғам дар бағал,
Ашкам ба рух оташ ба сар, дуди димоғам дар бағал.
Ёди баҳорон кардаам, аз дида борон кардаам,
Андар хазони зиндагӣ, гулҳои боғам дар бағал.
Аз тундбоди ҳодиса, дар зулмати шабҳои тор,
Чашмам сиёҳӣ мезанад, аммо чароғам дар бағал.
Сад корвон бигзашту ман, дар зери нахли орзӯ,
Афсурдадил биншастаам, пои фароғам дар бағал.
Эй ҳамдилон! эй ҳамдилон! инак салое мезанам,
Аз кӯи риндон омадам, ҷому аёғам дар бағал.
Борони раҳмат рехта, дар соҳати ҷони Навид,
Сайри баҳори ман биё, сад боғу роғам дар бағал.

Нағмаи таманноям, сози дигарам дар дил,
Аз баҳорҷушиҳо, шӯри маҳшарам дар дил.
Ғарқа дар сиришки худ, ҳамчу барги нилуфар,
Ҷуши хандаам бар лаб, дидаи тарам дар дил.
Масти маст меоям, аз куҷо намедонам,
Нашъаи маям дар сар, ҷому соғарам дар дил.
Ман дарахти боронам, ҳамқади баҳоронам,
Шохи пургулам дар ҷон, решаи тарам дар дил.
Қатрае зи найсонҳо, назри ҷони ман карданд,
Рӯшаноӣ мерезад, мавҷи гавҳарам дар дил.
Як чаман ғазал дорам, вожаҳо зи барги гул,
Рангу буй мекорад, нақши дафтарам дар дил.
Шодихурдаи ишқам, эй Навид медонӣ?
Номи дилбарам бар лаб, меҳри дилбарам дар дил.

Бӯи баҳор мерасад ҳарҷо, ки меойӣ,
Чашминтизор сад чаман гулҳо, ки меойӣ.
Гуфти ниҳон зи дидаи ағёр бехабар,
Як шаб барои диданам танҳо, ки меойӣ.
Чун шамъ ҳастии маро фурсат ҳамин шабаст,
Дудам зи сар ҳамеравад фардо, ки меойӣ.
Имшаб ба сози ҷони ман оҳанги дигараст,
Дил метапад ба ёди ту оё, ки меойӣ!?
Саҳни сарои дил бизанам обе аз сиришк,
Эй хушхиром зи шавқи таманно, ки меойӣ.
Дар ҷодаи хаёли ту, эй корвони ишқ,
Биншастаам ғарибу шикебо, ки меойӣ.
Бар гӯши ҷон навое, зи улфат ҳамерасад,
Аз кучаҳои шаҳри дил ғавғо, ки меойӣ.
Гарди вуҷуди мову таманнои офтоб,
Пинҳон зи худ ҳамешавам пайдо, ки меойӣ.
Зебот гӯяму на бадон шевае, ки ту,
Ҳар лаҳзае ба сурати зебо, ки меойӣ.
Ҳам соқию шаробии хумхонаи ҷамол,
Масту харобу бедилу шайдо, ки меойӣ.
Не пои рафтанам ба дарат, ҳамраҳи Навид,
Ху кардаам ба ғурбати дунё, ки меойӣ.

Дар ин маҳфил напзиранд, сухан аз ошно гуфтан.
Сазо ҳаргиз намедонанд, ҷуз аз носазо гуфтан.
Хирад ин ҷо басе беmору аз баҳри мудовояш,
Пизишконро даҳон бастанд аз номи даво гуфтан.
Зи бас донона моён қадри дониш бурдаанд имрӯз,
Намеарзад ба доное ба ҷуз дононамо гуфтан.
Зи ҳарфи норавони ровиёнаш сахт дилгирам.
Сухан бемоя гашта аз равову нораво гуфтан.
Зи бас шайтони печида ба тору пудашон эдун,
Ба сони ҷин метарсанд аз номи худо гуфтан.
Дағобозони бисёре ба ҳар ҷо ҷамъ гардида.
Зи роҳи дағдаға бастанд ҳақро бар мало гуфтан.
Ҳаме нақши ҳарифонро ба тири кина медӯзанд,
Дар ин тӯҳматсаро ҷо нест бар чуну чаро гуфтан.
Ниёгон гар намебуданду фазлу дониши эшон,
Раво буд кори миллатро фано анадр фано гуфтан.
Ҳаме бояд, ки Саъдиро саодатёр номидан,
Аттараллоҳу Атторо Саноиро сано гуфтан.
Дигар Мавлои Балхиро наҷоти қавм донистан,
Ва ҳам муллои Ҷомиро ба миллат раҳнамо гуфтан.
Ҳар он чи ёфтаанд эшан зи роҳи шаръу дин буда,
На аз руи суханбозиву ҳарфи нобаҷо гуфтан.
Навид з-ин гуфти беҳуда макун авқоти худ зойиъ,
Ки бар гуши гаронҷонон чи суд аз моҷар гуфтан.

# ҚАСИДАГУНАҲО

## Наъти Паёмбар (с)

Ман киям то наъти воло эй Паёмбар гӯямат?
Эзидат лавлок гуфт, ман чизи дигар гӯямат?
Чун Худо хулқи азиматро сутуда дар набаъ,
Ман аз ин бартар чӣ медонам, ки бартар гӯямат?
Аз чи қомусе биёбам ҳарфи мавзуну латиф,
То кунам такрори он ҳарфу мукаррар гӯямат?
Дар забон васфи сазоворе намеёбам магар,
Аз дили пуриштиёқу ҷони музтар гӯямат.
Эй вуҷуди беназират ғояти мо филвуҷуд,
Сафҳаи пайғоми ҳақро хатми дафтар гӯямат.
Чун ҳидоятро ба номат зад рақам Парвардигор,
Раҳнамову раҳраву раҳдону раҳбар гӯямат.
Эй ба сайри ломакон бигзашта аз Руҳуламин,
Роздону пардари Ҳайи Акбар гӯямат.
Иттибоъат гашта мар ҳубби Худоро восита,
Корвони ишқро солору сарвар гӯямат.
Хондагон бисёр, аммо баргузини ҳақ туӣ.
З-ин сабаб болонишини ҷамъу меҳтар гӯямат.
Эй башири растагорону назири гумраҳон.
Даъвати ҳақро гувоҳи рӯзи маҳшар гӯямат.
Эй биҳиштисурату қуръонисират беш аз ин,
Ҷуръате дар худ намеёбам, ки дигар гӯямат.
Ин қадар донам, ки аз ҷон дӯсттар дорам туро,
Бо забони сидқу бо ихлосу бовар гӯямат.
Аз сари сидқу адолат, ҳилму зуҳду маърифат,
Он чи авсофи туро мегуфт Ҳайдар гӯямат.
Кас надонад рози зери пардаро ҷуз пардадор,
Гӯши мо бишнида он чи аз паси дар гӯямат.
Эй чароғи рӯшане к-ат дасти Ҳақ афрӯхта,
Мар шабони тираро моҳи мунаввар гӯямат.
Кардам изҳори муҳаббат, варна ҳамранги Навид,
Ман киям то наъти воло эй Паямбар гӯямат?!

## Дар андарз ва маноқиби аҳли байт ва асҳоби Паёмбар (с)

Кунам оғози ин нома ба номи Эзиди якто,
Қалам бо ҳукми ӯ ҷори забон аз лутфи ӯ гӯё.
Агарчи аввalасту охирасту зоҳиру ботин,
Вале аз ақли бе моя маҷу тафсили ин маъно.
Ҳамедонам, ки зоти Ӯ варои ваҳму пиндор аст,
Аз ин рӯ узр меорам, ки ло юдрак ва ло юҳсо.
Бувам мӯъмин, ки васфи Ӯ ҷуз Ӯ ҳаргиз намегӯяд,
Ҳаме дар хурди зоти Ӯ забони нотиқа асло.
Ҳар он чӣ мар ситоишҳои худро дар набаъ[2] гуфта,
Бигӯям аз сари фитрат, ки «омонно» ва «саддақно».
Пас аз ҳамду ситоишҳои зоти ақдасаш гӯям,
Дуруду раҳмати ҳақ бар ту бодо ё Расулаллоҳ.
Ту буди сафҳаи девони ҳақро нуқтаи таммат,
Худо бунёди ҳастиро туфайлат карда побарҷо.
Худоро ҷумла бистоянду ӯ бистуда дар мусҳаф,
Туро бо хулқу атвори накуву сирати зебо.
Дуруди поки имонӣ ба фарзандони он сарвар,
Ки зоҳир пок буданду ба ботин хубу беҳамто.
Ҳар он кас мекунад таъне ба зоҳир ё ба ботиншон,
Мусалмони аз ӯ салбасту3 бар ин медиҳам фатво.
Ҳама хубанду маҳбубанду марғубанду матлубанд,

---

[2] . Хабари Ќуръонї.
[3] . Бурида ва дур.

Камоли дин агар хоҳи марав дунболи истисно.
Биё то мубтадо гуфтему дунболи хабар бошем,
Ки мақсудам аз ин гуфтан ба охир мешавад пайдо.
Дуруде бар равони поки азвоҷи Паёмбар бод,
Шаҳодат медиҳад Қуръон, ки модар будаанд бар мо.
Ту гар бар кеши4 исломиву бовар дори бар Қуръон,
Забон гар мекушои ҳон! Ба зикри хайрашон бикшо.
Касе, гар шубҳа дорад бар якешон меравад аз дин,
Чӣ ҷои носазо гуфтан, чӣ ҷои гуфтани беҷо.
Дуруди дигаре дорам ба он Хайруннисо яъне,
Ба духти поки Пайғамбар ҳамон Фотимаи Заҳро.
Кунун дар васфи ёрони Расулуллаҳ сухан гӯям,
Ки начми иҳтидо5 буданд андар зулмати шабҳо.
Замона эй бародар фитнаҳо андар бағал дорад,
Кунун андар ҳарими дин кунад ҳар аблаҳе даъво.
Забон бикшода ҳар нокас ба таъни он абармардон,
Яке аз ҷаҳлу нодонӣ дигар аз кизбу истеҳзо.
Макун инкори моҳу меҳру нуру рушанӣ ҳаргиз,
Ду чашмат гар набошад тира чун хаффоши6 нобино.
Забон ҳам хирмани имон бувад, ҳам оташи сӯзон,
Мазан оташ бар ин хирман, ки охир мешави расво!
Буданд аз собиқини аввалин ёрони Пайғамбар (с),
Ту кай ҳамсанги эшони бад он зуҳду бад он тақво.

[4] . Роњ, равиш, дин.
[5] . Рањнамудан, рањнамои. Ишора ба њадиси Пайѓамбар (с), ки фармуда: «Асњоби каннуљум…»
[6] . Шаппара, муши парон.

Худо розӣ буд аз эшону эшон аз Худо розӣ,
Ту кисти эй фурумоя, ки ҳарза[7] мекуни ғавғо.
Яқин бад гуфтани эшон бувад таъни Расулуллаҳ,
Дар ин раҳ аз ҷуҳудон мекуни тақлид эй коно[8].
Чи дидасти зи Бубакри Садиқ он ёри ғор эй дун,
Ки тира мешави аз зикри номаш чун шаби ялдо.
Зуҳури партави Ислом, баъди риҳлати Аҳмад (с),
Ба ҷаҳду кушиши Сиддиқи Акбар гашт нурафзо.
Ту аз адли Умар охир чаро чин бар ҷабин дори,
Ки аз номаш фитода раъша[9] андар пайкари аъдо.
Хабар дори чуну пазруфт дини ҳақ ба ҷону дил,
Зи тарсу ҳайбати ӯ мушрикин гуфтанд вовайло.
Амири жандапуше дидаи к-ан дар замони ӯ,
Чу гарде бар ҳаво рафта шукуҳи мулкати Кисро.
Магу ҷуз некуи дар шаъни Усмон ар ҳаё дори,
Ки ӯ ҷамъовари Қуръон, ба имло буду бо иншо.
Чу аҳли фитна дар ҳар аср бисёранд медони,
Ба ҳангоми қироат хуни покаш рехтанд он ҷо.
Хилофат чун мусаллам шуд Алиро баъди Зинурайн,
Ҳамон аҳли фитан бори дигар бинмуда сар боло.
Алӣ шери Худо, он муртазо, он Ҳайдари каррор,
Саховатрост чун баҳре, футувватрост чун дарё.
Паёмбар шаҳри илму Муртазо дарвозаи он шаҳр,
Ҳаму мар авлиёро носир андар сайри манзилҳо.

---

[7] . Беҳуда.
[8] . Нодон.
[9] . Ларзиш ё ки ларза.

Аҷаб ранҷи фаровоне кашид аз гардиши гардун,
Ҳамеша дар набарди хасму дигар дар сафи ҳайҷо[10].
Ҳар он чи бар гузашта байни ӯ в-асҳоби Пайғамбар,
Забони таъна бар ин тоифа вон тоифа макшо.
Қазои ҳақ чунин рафта, ки воқеъа чунон бошад,
Ба ҷуз таслим роҳи дигаре дони агар бинмо.
Қазову доварӣ баъди ҳазору чорсад чи-бвад,
На даъво мондаву не муддаъӣ, не шоҳиде бар ҷо.
Агар таърихро ислоҳ хоҳи, бас муҳол аст ин,
На ту масъули ин кори, агар пири ва гар барно.
Тамоми неку бадро кайфаре[11] кайфарситоне ҳаст,
Ба бозори қиёмат мешавад ин маҳкама барпо.
Ҳар он-ку рӯ биёрад сӯи қибла, мӯъминаш медон,
Таассуб кур месозад ду чашми равшани бино.
Худовандо хатопӯши, зи лутфат чашм медорам,
Ки моро сарфарози бахши, дар дунёву дар уқбо.
Арақпарвардаи шармам, Навидосо зи ҷурми хеш,
Ниёз овардаам бар даргаҳат, эй кони истиғно.

---

[10] . Љанг, набард.
[11] . Подош, љазо.

## ҶАРО?!

Ҳарифи сифла аз тан қисса гуфту ман зи ҷон гуфтам,
Ғалат кардам ба ин ношустарӯ, рози ниҳон гуфтам.
Замин буд соҳати ҷавлони афкори парешонаш,
Заминро тай намудам, нуктаҳо аз осмон гуфтам.
Сухан аз кавн мерафт дар миёни мову ӯ, аммо
Гузар кардам зи кавну, шаммае аз ломакон гуфтам.
Ҳама гуфту шуниди ӯ гумоневу хаёле буд,
Гумонро парда бидридам, ҳақиқатро аён гуфтам.
Зи зарроти ҷаҳону аз баситу таркибот эйдун,
Баён мекарду ман ҳар зарраеро, як ҷаҳон гуфтам.
Фазои диданиҳо ҷилвагоҳи сайри мавҳумаш,
Нишон аз дида мегуфт уву ман аз бенишон гуфтам.
Баҳори бенишоти ӯ гирифтори хазоне буд,
Ба ҷонаш ҳайрат афзудам, баҳоре дар хазон гуфтам.
Паи исботи ҳастӣ аз фано бурҳону ҳуҷҷат гуфт,
Вуҷуди бесуботашро, саробею гумон гуфтам.
Ғаму андӯҳи бепоёни ӯ з-андешаи тан буд,
Зи ҷон ғофил буд, аз рози ҳаёти ҷовидон гуфтам.
Гумон кардам, ки ин афсурда ҷӯёи ҳақиқат буд,
Ғалат кардам ҳақиқатро ба сад шарҳу баён гуфтам.
Зи хайли нокасон, ҳангомаи тақлид барпо шуд,
Ба ин ғавғописандон аз мақомоти касон гуфтам.
Ба шавқи манзили Лайло, ба оҳанги ҳиҷоз аз дил,
Навое баркашидам, қиссаҳо аз сорбон гуфтам.
Магар дар санги хора, қатраборонро асар бошад?
Суруди ишқро баҳри чӣ дар гуши карон гуфтам?

Ба ин андеша худро медиҳам таскину оромиш,
Ки ҳарфи гуфтаамро, аз барои имтиҳон гуфтам.
Ба ин ғафлатпарастон, к-аз ҳавои ханда сармастанд,
Ҳадиси гиряолуде, ба оҳанги фиғон гуфтам.
Каломи ёвагӯёнро, сукути банда кофӣ буд,
Пушаймонам, пушаймонам, ҷавоби ройгон гуфтам.
Ба гӯши мурдарегон, қиссаи оби бақо ҳайфаст,
Зи бас хушбоварам, инро ба гӯши мурдагон гуфтам.
Ба зери пардаи миллат, балои миллатанд эшон,
Гуноҳам ин, ки роҳи рушди миллатро нишон гуфтам.
Зи рӯи содагиҳо ман ба ин кирмони мурдобӣ,
Ҳадиси мавҷ гуфтам , қиссаи баҳри дамон гуфтам.
Навид дар ин пушаймонӣ зи худ мепурсам аз ҳайрат,
Чунин маънои мавзунро, чаро гуфтам, чисон гуфтам?

с. 1993

## Ҳавасоворагон

Эй ҳавасоворагон даъвии дигар боз чи?!
В-эй зи худ гумгаштагон ин карру ин фар боз чи?!
Худ чу гум гаштед андар водии ҳирсу тамаъ,
Дигаронро ҳодиву муршиду раҳбар, боз чӣ?!
Дар шигифтам з-ин ҳама андарзу панди беасар,
Худфурушиҳо фузун болои минбар боз чӣ?!
Гарчи дар пиндори худ воломақому хоҷаед,
Хоҳишоти нафси бадро гашта чокар боз чи?!
Луқма бирбоед аз коми ятиму бенаво,
Ин ҳунар, донед, мардони ҳунарвар, боз чи?!
Гармии бозори дунё нақдатон аз даст бурд,
Ҷайбатон холист дар бозори маҳшар, боз чи?!
Гар бувад сармоя аз моли ҳалоле нуш бод,
Варна гардад дар гулӯтон неши ханҷар, боз чи?!
Дар кашида аждаҳои нафсатон поку палид,
Бехабар аз дӯзаху аз мору аждар, боз чи?!
Эй бурунҳо пок ҳамчун ҷомаҳои мӯъминон,
В-эй дарунҳо тира ҳамчун гури кофар, боз чи?!
Гавҳари дунё ҳама ҷамъ оварад бадгавҳаре,
Қадри ӯро кай фазояд дурру гавҳар, боз чи?!

Нафси кафторӣ бибояд кушту бо қуте бисохт,
То ба гардун пар зани монанди кафтар, боз чи?!
Нафс чун маьмури Ҳайдар буду зери ҳукми ӯ,
Аз сари мардӣ биканди боби Хайбар, боз чӣ?!
Чун амал тасдиқи қавли ту набошад, аз газоф,
Лофи камтар зан ту аз Сиддиқи Акбар, боз чӣ?!
Баҳри огоҳӣ бигуфтам, не зи руи доварӣ,
Довариҳоро супоридам ба Довар, боз чӣ?!
Гоҳ зишту гоҳ некӯ гуфтанам аз раҳматаст.
Не зи рӯи даъвиву ағрози дигар, боз чӣ!
Аз сари огоҳӣ гуфтам, не ба унвони касе,
Баҳри бархурдории ёру бародар, боз чӣ?!
Қавли мункар гуфтаам гар зоҳиран бини вале,
Чашми маъниро кушои наҳйи мункар, боз чӣ?!
Гар бубини кӯру чоҳе, дасти ӯ бояд гирифт,
Ин бувад аз суннати поки Паямбар, боз чӣ?!
Гар ҳаме тасдиқ медоред, к-илҳомаст ин,
Ҳайф будӣ, гар бимонди рӯи дафтар, боз чӣ?!
Ҳукм бар мавҷуд кардам чун ки ин нуқсонҳо,
Дар сиришти одамӣ бошад мухаммар, боз чӣ?!
Гар барӣ буди вуҷуди одамӣ з-ин айбҳо,
Аз фаришта қадри у буди фузунтар, боз чӣ?!
В-ар қавӣ гардад ба табъи ҳар касе ин ҳирсу оз,
«Ҳум каланъом» маънияш гов аст ё хар, боз чӣ?!

Ин қадар донистаам, ки садди нафси нобакор,
Мушкил аст аз бастани садди Сикандар, боз чӣ?!
Чун ба нафси хештан ғолиб наои дар набард,
Дар сафи мардон ту худро мард машмар, боз чӣ?!
Он чӣ гуфтам аз сари инсоф мебояд шунид,
Дода гӯшат чун Худо, худро макун кар, боз чӣ?!
Ман на худро бартар аз ҷамъи азизон дидаам,
Пас мабин дар рӯи ман бо чашми дигар, боз чӣ?!
Аз забон ҳар он чи ояд тарҷумони дил бувад.
Ин сухан бошад муҷарраб, нек бингар, боз чӣ?!
«Ё ъибодаллоҳ, усикум битақваллоҳро»,
Аввалан бар нафси худ гуфтам мукаррар, боз чӣ?!
Бар Навид аммо хитоби дигаре дорам, ки бас!
Он чи гуфти гуфти, аз меъёр магзар, боз чӣ?!

# МАСНАВИҲО

## Маснавӣ

Ҳастии ин коинот аз ваҳдатаст,
Зеру болоро субот аз ваҳдатаст.
Асли кул аз ҷузвҳо омад падид,
Кулли беаҷзо ба ҷое кас надид.
Ин ҷаҳон бо вусъту паҳнои худ,
Кулли воҳидаст бо аҷзои худ.
Обу хоку оташу бод эй ъаму,
Ҳалқаҳо з-ин силсила бе гуфтугу.
Ҳалқае з-ин силсила гар кам буди,
Ин ҷаҳон андарҳаму барҳам буди.
Қатраҳо бо ҳам шуди дарёсти ,
Зараҳо бо ҳам шуди саҳрости.
Инчунин омад бинои ҷомиъа ,
Ваҳдат омад аз бақои ҷомиъа.
Вой бар қавме, ки аз ваҳдат гурехт,
Обуруи фард фарди худ бирехт.
Куллӣ инсонаст дар ин қоида ,
Имтиёзоти дигар бефоида.
Асли инсон ҷомиъ омад чун чаман,
Нест инҷо имтиёзи мову ман.
Дар чаман зишту наку зебандаст,
Ихтилофи рангу бӯ зебандааст.
Хор дар паҳлӯи гул биншастааст,
Равнақи бозори гул нашкастааст.
Асли инсон ҷомиъ омад чун чаман,
Нест ин ҷо имтиёзи мову ман.
Одамӣ гар з-ин сару гар з-он сар аст,
Мазҳари кул асту дар ин манзар аст.
Дину миллат обёри ин чаман,
Обрӯву эътибори ин чаман.
Тозагӣ дар ин чаман аз иттиҳод,

Равнаќи ин анҷуман аз иттиҳод.
Дину давлат тавъам омад дар вуҷуд,
Ҳар яке бар қуввати дигар фузуд.
Гар ҳамехоҳи салоҳи ҷомеъа,
Иттиҳод омад фалоҳи ҷомеъа.
Аз дуруштиҳо зиён ояд ҳаме,
Нолаву оҳу фиғон ояд ҳаме.
Нест манзури ман аз ин гуфтугӯ,
Чашм бастан з-эътибори обу рӯ.
Аз хасон чашми мурувват доштан,
Ҳам бадиҳоро накӯ ангоштан.
Як тараф бинҳода нангу орро,
Адл хондан зулму истикборро.
Бардагӣ омӯхтану ҳам чокарӣ,
Васф кардан шеваҳои барбарӣ.
Аз Мадинай фозила дори хабар,
Матлабам ин аст, не чизе дигар.
Мунтаҳо ин ки қавонини матин,
Эътибори миллату дунёву дин.
Ин қавонин дар амал гар оядо,
Сад тараққиву таъолӣ зоядо
Дасти гумраҳ гираду бар раҳ кунад,
Фикри бадандешро кӯтаҳ кунад.
Раҳ бибандад сифлаву авбошро,
Талх созад айши ҳар айёшро,
Эй бародар ин ҳақиқат рӯшан аст,
К-ихтилофи мо ба коми душман аст.
Эй бародар чун Худои мо якест,
Мусҳафи мо Мустафои мо якест.
Сӯи як қибла ҳама андар намоз.
Роз мегӯем назди Бениёз.
Чист дигар боъиси мову манӣ,
Зулмати маҳз аст баъди рӯшанӣ.
Мо зи ваҳдат қоиму барпостем,
В-аз салобат кӯҳи побарҷостем.
Пас биё, то рангу бӯ яксӯ ниҳем,

То зи кайди душманон берун ҷаҳем.
Аз таассуб чашм нобино шавад,
Марди доно аблаҳу коно шавад.
Зишти худ бинад, на хуби дигарон,
«Ғуку мурдоб» аз масалҳо боз хон.
Пас биё роҳи таасуб наспарем,
В-аз сари ҷаҳли мураккаб бигзарем.
То напечем дар парешонхобҳо,
Баҳр бигзинем, не мурдобҳо.
Мову ту бо ҳам бародар эй ҳаким,
Шоҳиди мо насси Қуръони карим.
Ман бародар хонамат эй мӯҳташам,
Чашм дорам аз ту ман ҳам ин карам.
Ман нагӯям з-ин сари ё з-он сари,
Ту нагу ман дигарам, ту дигари.
Чун ухуват таври имони ман аст,
Душмани ту душмани ҷони ман аст.
Хасми мо ҳангомаро дигар намуд,
В-аз ъадоват дар ба рӯи мо кушуд.
Боз омӯзанд моро зиндагӣ,
Зиндагӣ, яъне ба ишон бандагӣ.
Зиндагӣ бо амру бо фармони ғайр,
Яъне андар пайкари мо ҷони ғайр.
Зиндагонӣ ин чунин шармандагист,
Мурдани накд асту номаш зиндагист.
Асри нав сад фитна дорад дар камин,
Чораи он иттиҳоди муслимин.

**Маснавӣ**

Эй ҳавасовора бедорит кӯ!?
Ошиқи гар нолаву зорит, кӯ!?
Файзи гулшанҳо ба ҷонат мурдааст,
Чун замини синаат афсурдааст.
Абри раҳмат ҷазбаи хоки ту нест,
Рангу бӯи нашъа дар токи ту нест.
То муҳаққиқ гашти аз пиндори худ,
Баста дар банди дару девори худ.
Менамояд гаҳ-гаҳе аҳриманат,
Дигаронро гарди раҳ бар доманат.
Ту аз ин пиндор гашта масти маст.
В-аз таваҳҳум нестӣ назди ту ҳаст.
То савоб ояд зи гуфтан ҷузву кул,
«Ман азина лаҳурраҳмон фаляқул».
Изни Ҳақ дар ҳар амал пироя аст,
Ғайри маъзунро сухан бемоя аст.
Бандае бе изни мавло дам занад,
Эътимоди хоҷаро барҳам занад.
Кас надорад гӯш бар гуфтори ӯ,
Чун ки пайдо гаштааст миқдори ӯ.
Гар надори аз мақоми худ хабар,
Кай худоишнос боши эй писар.
Ту зи худ бегонаву ноошно,
Кай шавӣ огаҳ зи асрори Худо.
Ин раҳ ар бо пои даъво сар шуди,
Ҳар дағо Салмон ё Бузар шуди.
Пас бизан бар хирмани ақлат шарар,
«Зиракӣ бифрӯшу нодонӣ бихар».
Сабти девони қазо шуд бешу кам,
Аз каму беши ҷаҳнат пас чи ғам.
Дарки ин маъно бикун андар хабар,
Аз «халақно кулла шайин биқадар».

Гар зи тадбир укдаҳо бар мекушуд,
Кас зи нодон тангрӯзитар набуд.
Он чунон рӯзӣ расад бар Булъало,
Буъалиро ҳайрат афзояд ҳало!.
Коҳиливу танбалӣ айби дигар,
Дасту по аз баҳри кор аст, эй писар.
Ҷаҳд кун, в-он гаҳ таваккул бар Худо,
«Лайса лил инсони илло мо саъо».
Чун туи дар олами кавну фасод,
Нест маълуле, ки аз иллат назод.
Пайрави асбоб бояд буданат,
В-аз сабаб дар бешу кам афзуданат.
Нуқтаи паргори ҳастӣ шуд сабаб,
Матлаби худро аз ин дар металаб.
«Утлубул ашёа мин асбобиҳо,
В-адхулул абёта мин абвобиҳо».
Чун бурун ҷасти зи асбобу илал,
Ризқи ту омода гардад бе халал.
В-ар Худо бахшоядат ин фатҳи боб,
Рӯзӣ ояд бар ту аз ғайри ҳисоб.
Ҳукми девони қазоро шод бош,
Шод зӣ в-андар ҷаҳон озод бош.

**Маснавӣ**

Нек нигар кори хирад бозӣ аст,
Хотимаи ақл ҷунунтозӣ аст.
Чанд аз ин кашмакашу гирудор,
Кор тамом аст ба анҷоми кор.
Чашм магар сер нашуд з-ин ҳама,
Валвалаву дағ-дағаву дам-дама.
Хаста аз ин дидани, роҳат бубин,
Чашм фурӯ банду фароғат бубин.
Дарк бикун маънӣ аз ин қайду банд,
Чашми сарат не, зи ҳавосат бибанд,
Гар ҳама сулҳи, сухани ҷанг чист!?
Шиша набоши ғамат аз санг чист!?
Дил, ки ниҳони туву пайдои туст,
Баста ба зиндони ҳавасҳои туст.
Нафс, ки султони ҳавасҳои туст,
Душмани пинҳону ҳувайдои туст,
Ҳам тамаъу кину адоват аз ӯст,
Зулму ситам макру бағоват аз ӯст.
Оинаи дил, ки сафогустар аст,
Дони зи чӣ тираву бе ҷавҳар аст?
Нафс барангехтааст гарду чанг,
Оина з-ин чанг бибастаст занг.
Занг зи оина зудудан чӣ буд?
Куштани он нафси залуму ҷаҳуд.
Куштани ӯ қатъи ҳавасҳои ӯст.
Ин раҳи з-ӯ растану ғавғои ӯст.
Нафс зи амморагӣ берун шавад,
«Ирҷиъи илло раббикӣ» бишнавад.

**Паёми эҳё**

Эй баҳори рангу бӯ хуш омадӣ,
Эй паёми орзӯ хуш омадӣ.
Муждаи эҳё замини мурдао,
Ҳамчу ҷони колбади афсурдаро.
Эй сафири осмон андар замин,
Эй ту нақше аз биҳишти нозанин.
Ҷони нав бахшо ту ҷони мурдаро,
Қолиби аз дарду ғам пажмурдаро.
То ки мо ҳам хурраму хандон шавем,
Он чи дар гуфтан наояд он шавем.
Эй паёми растахезу хез-хез,
Нафхаи дигар ба ҷони мо бирез.
Чун ки номуси шукуфтан мурдааст,
Ин чаман захри зимистон хурдааст.
То ба кай ин зардиву пажмурдагӣ?
Нанг бошад зиндаҳоро мурдагӣ.
Мо ба зери бори зиллат мондагон,
Мурдаему дар шумори зиндагон.
Вақфи ғайр аст раставу дӯкони мо,
Аз танӯри дигарон аст нони мо.
Мо ҳама ресандаву бофандаем,
Ҳолиё бофандагонро бандаем.
Аз нажоди Коваи оҳангарем,
Ҳолиё оҳангаронро чокарем.
Дар ҷаҳон номе зи Афредун монд,
Фарри ӯ бигзашту бар мо дун монд.
Кохи дониш бо хирад буд з-они мо,
Кони лаълу маърифат буд ҷони мо.
Кохи моро хоки тира хурдааст,
Кони моро дузди хира бурдааст.
Мо ки аз буздон гадоӣ мекунем,

Ҷои хиҷлат худситоӣ мекунем.
Ёд бодо Буалӣ Синои мо,
Ҳазрати Аттору Мавлонои мо.
Дар ҷаҳон гар номи мо пайдости,
Аз Саноиҳову Ҷомиҳости.
Варна мо аз фалфасафа дурем, дур,
Чашми мо андар тасаввуф кури кур.
Ин сухан гарчи аҷиб афтодааст,
Илми Ҳақ дар мо ғариб афтодааст.
Чун сиёсат з-аҳли фазлу дод буд,
Аз Низомулмулк, мулк обод буд.
Мо зи эшон номро бардоштем,
Фазлашон бар дигарон бигзоштем.
«Шеърро мақсуд агар одамгарист,
Шоъирӣ ҳам нашъа аз пайғамбарист».
Шеъри бошаръ ҳамчу оби зиндагист,
Шеър бешаръ пешаи бофандагист.
Гиря кун эй абри баҳман, гиря кун!
Гул кунад дар ҷони мо илму фунун.
То дарахти маърифат бор оварад,
Меваҳои хубу ширин парварад.
Ҳоли беморон аз ӯ беҳтар шавад.
Кеҳтаре гар з-ӯ хурад меҳтар шавад.
Марди беғайрат аз ӯ марде шавад,
Ҳам дили бедардро дарде шавад.
Ҳам аз ӯ дононамо доно шавад,
Ҳарфи бе маъно пур аз маъно шавад.
Эй баҳорон аз замини мо бирон,
Гарди зулму ҷаҳду кини бекарон.
То ки мо ҳам даъвии ҳастӣ кунем,
Аз шароби хеш сармастӣ кунем.
То зи худсӯзӣ раҳо ёбему ҳон!
Мо худафрӯзӣ кунем чун дигарн.
Дигарон дар илму دониш пештоз,
Мову фақру фоқаву аҷзу ниёз.
Дигарон рамзи худӣ бишнохтанд.

Аз қабоил қавму миллат сохтанд.
Мо зи як миллат қабоил сохтем,
Гавҳари волои худ нашнохтем.
Дигарон андар тараққӣ ҳар замон,
Мо ҳамонему ҳамонему ҳамон.
Мо на рамзи дин бидонем не данӣ,
Ифтихори мо ҳамон мову манӣ.
Дигарон аз мову сад мо бениёз,
Суи қиблай ғайр мо андар намоз.
То ки қиблай хешро пайдо кунем,
Иқтидо бар мардуми доно кунем.
Эй сабо борони найсонӣ биёр,
Бар замини тираи мо бору бор.
Боғи мо пур аз гулу анбар шавад,
Хокро бар даст гирем зар шавад

10.05.2004.

**Дар ин ки ҳамият ва ҷуръат**
**аз хасоиси имон аст**

Мӯъмининро обрӯ аз ҷуръат аст.
Нахли имонро нумӯ аз ҷуръат аст,
Коҳилӣ маргу такопӯ зиндагист,
Устуворӣ қавмро поянда гист.
Аз такопӯ зарраҳо саҳростӣ,
В-аз салобат кӯҳ побарҷостӣ.
Дар ҷаҳон ҳангомаву пайкорҳост,
Инқилоби ҳастиро такрорҳост.
Асли ҳар миллат чу шахсе баршумор,
Устувор омад ва ё нопойдор.
Бе ҳамият мардро ку обрӯ?
Ҳиммати ӯ бастаи фарҷу гулӯ.
Чашми ибратро кушову нек бин,
Заъфи ҷуръат омад аз заъфи яқин.
Оҳ аз аҳли таассуб в-аз русум,
Карда аз пиндори худ хатми улум.
Қавмро беҷуръатӣ омухтанд,
Пардаи номуси миллат сухтанд.
Луқмаҳо хӯрданд аз хони тамаъ,
Гаштаанд олудадомони тамаъ.
Роҳи даъват назди ишон дигар аст,

Амри бар маъруфи ишон мункар аст.
Ҳеҷ таъсире на дар гуфторашон,
Аз тамаъ ҳангомаи бозорашон.
Гӯи зин оят надоранди хабар,
Ё ки гӯши фаҳми ишон гашта кар.
**«Ло таҳину…»** аз китоби Ҳақ бубин,
**«Антумул аълавна…»** мехон, инчунин.
Дониш ар созад ғуломӯ чокарат,
Дар қиёмат мешавад дарди сарат.
Эй чӣ бад расме, ки расми чокарист,
Бандагӣ ҷуз даргаҳи Ҳақ кофарист.
Ман нагӯям бодиву бебок бош.
Дар дифоъи обрӯ чолок бош.
Ман нагӯям даст зан дар таҳлука,
Ё бирав бо пои худ дар маҳлака,
Лек шере бош, дар майдони худ.
Дар ҳарими бовару имони худ.
Чун ки аз ҷон беҳтар ин дин асту бас,
Тарсу бим аз заъфи ойин асту бас.
Мар тавозӯъпешагонро ёр бош,
Бар сари гарданкашон чун дор бош.
Чун намесозӣ ба ҷону дил қабул?!
**«Нусирту биррӯъб»** аз қавли Расул.
Гар мунофиқ набвад аз ту барҳазар,
Хешро аз зумраи эшон шумар.

Золиме аз ту напарҳезад агар,
Ҳайбати дин рафта аз ту бехабар.
Ҳурмататро кай ба ҷо меоваранд?!
Бар риши ту ришханде мезананд.
Аз тамаъ ҳамкосаи ишон машав,
Беш аз ин сухрияи шайтон машав.
Бо ту ҳар дам луту путе мехӯранд,
Ҳамчу он сӯфӣ харатро мебаранд.
Ту ба эшон ҳамнаво, ки «хар бирафт».
Дар ҳақиқат хар бирафту, хар бирафт.
Гар аз ин қисса надорӣ ту хабар,
Маснавии Маънавиро менигар.

## Дар ин ки ифроти таъзим ва ситоиш дар табойиъи заъифа ъуҷбу худбиниро барангезад ва аз воқеъияти ҳоли хеш ғофил созад

Он яке хоҷаро ситоиш кард,
Маст гардиду бод дар риш кард.
В-он дигар гуфта аз мақомоташ,
Вирди мардум шуда каромоташ.
З-ин чунин ҳарфҳо шуниду шунид,
Хешро бартар аз халоиқ дид.
Тумтароқу газофу худбинӣ,
Гашта дар ӯ табиъати сонӣ.
Ҳастии воқеъиш зи ёд бибурд,
Накди худро ба боди нася супурд.
Инчунин булъаҷаб каромат кард,
Қавмро бевузӯ имомат кард.
Луту пути мунофиқин хурда,
Оби ҳурмат зи рӯи дин бурда.
Бурда меъёри шаръро аз ёд,
Карда меъёри шаръи нав эҷод.
Оммаи бехабар зи илму хирад,
Гашта гумраҳ аз ин тариқаи бад.
Ман чӣ гӯям зи боби худбинӣ,

Хонаи дин хароби худбинӣ.
Марди худкома марди дин набвад,
Чун ки худбин худойбин набвад.
Гар чӣ дорӣ дусад ҳазор ҳунар,
Одамӣ дар маќоми худ беҳтар.
Қадри худро зи ҳад фузун наниҳӣ!
Аз гилем пойро бурун наниҳӣ!
Қадри худ дону дигаронро низ,
На ту тило буви касон чу пашиз.
Варна дар тумтароќ мепечи,
Дар шиқоқу нифоқ мепечи.
Аблаҳон зуфунун гуморандат,
Қутби даврон лақаб гузорандат.
Ту аз ин ҳарфҳо калова машав,
Марди таҳқиқ бошу ёва машав.
Варна якчанд солаке дигар,
Чоплӯсони пасти бадгавҳар.
Чун шаман аз ту бут бисозанди,
Мар бутатро намоз оранди.
Дар ҷаҳон расми бутгарӣ ин буд,
Гумраҳонро тариқу ойин буд.
Бандаро бандагӣ каромот аст,
Бандагӣ бартарин мақомот аст.
Пояи дини Эзадӣ ин аст,
Асли Шаръи Муҳаммадӣ ин аст.

Инчунин гуфт Аҳмади Мухтор:
*«Айуҳаннос, маъшарал аброр,*
*Инни ъабдун аҷлису кал ъабд,*
*Окулу ва албису кал ъабд».*
Бандаам з-инам ифтихор бувад,
Шиштану хурданам бандавор бувад.
**«Ва лакум фиррасули усва»** ҳамин,
Аз сари лутф бин на аз раҳи кин.
Нусҳи худ кардаму ба ту гуфтам,
Холисона нигар накӯ гуфтам.

**Дар сӯгвории падар**

Чархи фалак ҷафо ба дили дардманд кард,
Ҷаври дигар ба ҷони мани мустаманд кард.
Аз дигарам нишонаи ранҷу газанд кард,
Сабрам рабуду хаставу зору нажанд кард.

Марги падар вуҷуди маро пур зи дард кард,
Дасту дилам зи кори ҷаҳон сарди сард кард.

Ман хаста будам аз ғами ӯ хастатар шудам,
Як дилшикаста будаму бишкастатар шудам.
Аз худ гусаста будаму бигсастатар шудам,
Дилбастаи фано будаму бастатар шудам.

Марги падар вуҷуди маро пур зи дард кард,
Датсу дилам зи кори ҷаҳон сарди сард кард.

Оё на бас ба мотами модар гиристанам?!
Бар он гули шикаставу пар-пар гиристанам.
Пинҳон зи чашми додару хоҳар гиристанам,
К-имруз месазад ду баробар гиристанам.

Марги падар вуҷуди маро пур зи дард кард,
Датсу дилам зи кори ҷаҳон сарди сард кард.

Ӯ олиме буду амалаш худ гувоҳи ӯ,
Ӯ суфӣ буду сидқу сафо дастгоҳи ӯ.
Ӯ ҳоҷӣ буду зуҳду вараъ зоди роҳи ӯ.
Нури Худо нуҳуфта буд андар нигоҳи ӯ.

Марги падар вуҷуди маро пур зи дард кард,
Дасту дилам зи кори ҷаҳон сарди сард кард.

З-оғоз буд мураббиву устоди мо падар,
Ҳам дар пайи ҳидояту иршоди мо падар.
Дасти дуъову панҷаи имдоди мо падар,
Фарёдрас ба шикваву фарёди мо падар.

Марги падар вуҷуди маро пур зи дард кард,
Датсу дилам зи кори ҷаҳон сарди сард кард.

Умре камар ба хидмати Ислом басту рафт,
Бар маснади ҳидояти мардум нишасту рафт.
Аз доми кини ҳосидон берун биҷасту рафт,
Бо сабру ҳилм гардани ишон шикасту рафт.

Марги падар вуҷуди маро пур зи дард кард,
Датсу дилам зи кори ҷаҳон сарди сард кард.

Ӯ дар пайи иморати масҷид медавид,

Аз гуфтану шунидани беҳуда мерамид.
Гӯё, ки ҳарфи пучи рақибон намешунид,
Моли ҷаҳон ба ними пашизе намехарид.

Марги падар вуҷуди маро пур зи дард кард,
Датсу дилам зи кори ҷаҳон сарди сард кард.

Оҳ з-он чаҳор писар, ки падарро надидаанд,
Пайғоми марги ӯ ба ғарибӣ шунидаанд.
Заҳри фироқу ҳасрати ғурбат чашидаанд,
Ман огаҳам аз он, ки чӣ ранҷе кашидаанд.

Марги падар вуҷуди маро пур зи дард кард,
Датсу дилам зи кори ҷаҳон сарди сард кард.

Бодо падар биҳишти барин ҷойгоҳи ту,
Бодо сафар муборaку испед роҳи ту.
Лутфи Худои меҳрубон пӯшту паноҳи ту,
Дорад Навиди хаста ба дил оҳу оҳи ту.

Марги падар вуҷуди маро пур зи дард кард,
Датсу дилам зи кори ҷаҳон сарди сард кард.

## Модар

Ай мазҳари пайғоми ҷон андар ҳарими розҳо,
Оғози ҳар анҷомҳо, анҷоми ҳар оғозҳо.
Аз гавҳари волои ту касро хабар набвад чӣ бок,
Оинаи ту бениёз аз миннати пардозҳо.

Модар ба ёди ту дилам ҳар лаҳзае гӯм мезанад,
Туфони ашкам аз ғамат мавҷу талотум мезанад.

Модар ҳарими ҷони ман боғи таманнои ту шуд,
Равшан ҷаҳони тираам аз рӯи зебои ту шуд.
Хушнуд мехоҳам туро, то хуш бувад аз ман Худо,
Зеро биҳишти ҷовидон, зери қадамҳои ту шуд.

Модар ба ёди ту дилам ҳар лаҳзае гӯм мезанад,
Туфони ашкам аз ғамат мавҷу талотум мезанад.

Модар агар осудаи, осуда бошад ҷони ман,
Эй хотири ношоди ту андӯҳи бепоёни ман.
Ҷону дилам равшан зи ту, кошонаам гулшан зи ту,
Ман бе ту ҳеҷам модарам, пайдову ҳам пинҳони ман.

Модар ба ёди ту дилам ҳар лаҳзае гум мезанад,
Туфони ашкам аз ғамат мавҷу талотум мезанад.

Модар марав к-аз рафтанат фасли баҳорам меравад,
Оромиву осудагӣ аз ҷони зорам меравад.
Модар марав к-аз рафтанат эҳсоси ғурбат мекунам,
Файзу нишоту хуррамӣ аз рӯзгорам меравад.

**Модар**

Модар ба хайёли ту афсурдаву дилтангам,
Фарёду фиғон ояд аз пардаи оҳангам.
Эй гавҳари ноёбам бо дидаи бехобам,
Бе рӯи бетобам пажмурдаву берангам.

Эй модари дилсӯзам ҷонам ба фидои ту,
Мурғи дили ман пар пар дорад ба ҳавои ту.

Дар сина алам дорам аз ранҷи фаровонат,
Аз дидаи бехобат аз ғусаи пинҳонат.
Дар ҳоли парешонӣ модар ту аниси ман,
Як лаҳза намехоҳам бо ҳоли парешонат.

Эй модари дилсӯзам ҷонам ба фидои ту,
Мурғи дили ман пар пар дорад ба ҳавои ту.

Хуштолеъу хушбахтам модар зи дуои ту,
Вобаста ризои ҳақ дар роҳи ризои ту.
Модар ба худо имрӯз паймони дигар дорам,
Тоҷи сари худ созам хоки кафи пой ту.

Эй модари дилсӯзам ҷонам ба фидои ту,
Мурғи дили ман пар пар дорад ба ҳавои ту.

Дар кулфати ин дунё ман зори туам модар,
Муҳтоҷи туам модар ночори туам модар.
Бахшой ба ҷони ман гар саҳву хато кардам,
Ошуфта зи андуҳу озори туам модар.

Эй модари дилсӯзам ҷонам ба фидои ту,
Мурғи дили ман пар пар дорад ба ҳавои ту.

**Соли Абӯҳанифа (р)**

Баҳор оини дигар дорад имсол,
Паёме аз Пайамбар дорад имсол.
Бувад имсол соли Буҳанифа,
Нишоти тозаву тар дорад имсол.

Ба гуфти он Расули поки доно,
Агар дониш бувад андар Сурайё,
Фуру гиранд қавме форсигӯ,
Ишорат бар Имоми Аъзами мо.

Баҳор оини дигар дорад имсол,
Паёме аз Пайамбар дорад имсол.
Бувад имсол соли Буҳанифа,
Нишоти тозаву тар дорад имсол.

Чу ӯ буд аҳли фазлу ҳам фаросат,
Даре бикшод аз Қуръону суннат,
Зи иҷмоъу қиёсу урфу эҳсон,
Дари осониро бар рӯи уммат,

Баҳор оини дигар дорад имсол,
Паёме аз Пайамбар дорад имсол.
Бувад имсол соли Буҳанифа,
Нишоти тозаву тар дорад имсол.

Ба мисли Буҳанифа сад ҳазорон,
Зи мо буданд аҳли илму ирфон,
Ба дониш аз ҳама болонишинем,
Ки лутфи Ҳақ бувад бар мо фаровон,

Баҳор оини дигар дорад имсол,
Паёме аз Пайамбар дорад имсол.
Бувад имсол соли Буҳанифа,

Нишоти тозаву тар дорад имсол.

Бигӯ назме Навид бо дилписандӣ,
Худоро шукр аз ин арҷмандӣ,
Касе номи бузургон зинда дорад,
Биёбад дар ду олам сарбаландӣ.

Баҳор оини дигар дорад имсол,
Паёме аз Пайамбар дорад имсол.
Бувад имсол соли Буҳанифа,
Нишоти тозаву тар дорад имсол.

Эй навбаҳори хушнафас,
Аз мулки ҷон хуш омади,
Пайғоми ҷаннат медиҳад,
Атри гули Муҳаммадӣ.

Имсол бас мукаррам аст,
Соли Имоми Аъзам аст.

Бар лолаи хандон бубин,
Шақоиқи Нӯъмон бубин,
Нури ҷамоли сармадӣ,
Пайдову ҳам пинҳон бубин.

Имсол бас мукаррам аст,
Соли Имоми Аъзам аст.

Бар марғзори ҷонҳо,
Борони раҳмат мерасад,
Боди саҳаргаҳ ин замон,
Аз боғи ҷаннат мерасад.

Имсол бас мукаррам аст,
Соли Имоми Аъзам аст.

Имрӯз мардони Худо,
Ёде зи Нӯъмон мекунанд,
Яъне, ба он Имоми худ,
Таҷдиди паймон мекунанд.

Имсол бас мукаррам аст,
Соли Имоми Аъзам аст.

# Сафарнома

Сафар дорам ба Шева ин пагоҳӣ,
Дуои хайр, эй ёрон дуое.
Ки мебинам намебинам шуморо,
Аҷал бо кас надорад ошноӣ.

* * *

Сафар пайғоми маргаст, эй бародар,
Ба пеши рӯ раҳи душвор дорам.
Магӯ бар гӯши ман номи ватанро,
Ки дарду ҳасрати бисёр дорам.

* * *

Куҷоӣ то бибини ёри ҷонӣ?
Зи куҳ лағжидану афтиданамро.
Ба зери кутали Шева зи сардӣ,
Ба худ печидану ларзиданамро.

* * *

Ватан аз ту ҷудоям, хайр бодо!
Гирифтори балоям, хайр бодо!
Зи дасти душмани бегонапарвар,
Ба ғурбат ошноям, хайр бодо!

* *

Зи Ишкошим ба Зебокаст роҳам,
Худоё лутфи ту пушту паноҳам.
Чу ҳиҷрат суннати пайғамбаронаст,
Шафоат аз Расулуллаҳ бихоҳам.

* *

Шамол аз кутали Зебок ояд,
Зи Вардуч корвон бебок ояд.
Ҳавои Чокарон дорам Худоҷон,
Мадад кун мутаре чолок ояд.

* *

Ҳавои Суфиён кардему рафтем,
Зи сардии ҳаво ҷон дар азобаст.

Расидем чун ба масҷидаш шабонгаҳ,
Бидидем мардум аз меҳмон қибобаст.
* *
Аҷаб куҳи фаровон дора Борак,
Чи дарёи хурушон дора Борак.
Чӣ мепурсӣ зи сардии ҳавояш,
Зимистон барфу борон дора Борак.
* *
Ба Юмгон кони санги лоҷувардаст,
Ба ҷонам ҳасрату андуҳу дардаст.
Ба Борак мардумон аз ман бипурсанд,
Мусофир рангу рӯят аз чӣ зардаст?
* *
Асирам ай худоҷон ман асирам,
Ҷудоӣ дар ҷавонӣ карда пирам.
Ҳаме тарсам, ки дар шаҳри Баҳорак,
Ба сад андуҳу ғам рӯзе бимирам.
* *
Зи Борак майли Файзобод кардам,
Зи дӯрии ватан фарёд кардам.
Худоҷон синаи ман реш-решаст,
Ҷигарбандони худро ёд кардам.
* *
Дусе рӯзе ба Файзобод будам,
Ғарибу хаставу ношод будам.
Ҳазорон гиря андар сина маҳбус,
Чунин хомушона дар фарёд будам.
* *
Зи Файзобод роҳе то Тахораст,
Ҳама куҳу ҷару саҳрову ғораст.
Чун аз "Қоракамар" солим гузаштӣ,
Бидон, ки соли умрат бешумораст.
* *
Ба шаҳри Кишм чун маъво гирифтам,
Гузар бар раставу бозор кардам.
Аз ин гаштугузор ғам бештар шуд,

Хаёли деҳаи Нушор кардам.
* *
Зи Кишм бо мутаре гаштам равона,
Ба шаҳри Толиқону мулки Тахор.
Чӣ гӯям аз харобиҳои роҳаш,
Хулоса роҳи душворасту душвор.
* *
Замини Толиқон сероб бошад,
Ғарибонро дили бетоб бошад.
Ду-се рӯзаст, ки дар мулки Тахорам,
Ғам андар синаам, селоб бошад.
* *
Бирафтам аз Тахор бар шаҳри Кундуз,
Ки тақдир мебарад сӯе ба сӯям.
Ҳазорон қиссаи пурғуса дорам,
Кадоме аз ҳазоронаш бигӯям.
* *
Зи Кундуз меравам бар шаҳри Кобул,
Худо ҳофиз ало ёрони ҷонӣ.
Ғаме чун ағбаи Соланг дорам,
Ба сардию бузургию гаронӣ.
* *
Пишовар меравам аз шаҳри Кобул,
Ба мутар мудати як рӯза роҳаст.
Таваққуф дар Ҷалолобод кардам,
Заминаш пурдарахту пургиёҳаст.
* *
Пишовар мулки бас обод бошад,
Ҳазорон меваи хушранг дорад.
Ба зери ҳар дарахти бӯстонаш,
Басе мурғони хушоҳанг дорад.
* *
Ҳавои шаҳри Бағлонаст моро,
Хаёлоти парешонаст моро.
Пули Хумри диёри нозанинаст,
Вале майли Самангонаст моро.

* *

Бибастам рахт рӯзе аз Самангон,
Бирафтам то мазори Шоҳи мардон.
Зиёрат кардаам шери худоро,
Ба ҳоли зору бо чашмони гирён.

* *

Диёри Балх мулки бостонаст,
Ки дар васфаш ҳазорон достонаст.
Мазори Робиа, Бунасри порсо,
Сафобахши дилу ороми ҷонаст.

* *

Дигар ин Балх он Балхи куҳан нест,
Макони донишу маҳди сухан нест.
Мазороташ ҳама вайрона дидам,
Касе дар фикри таъмири ватан нест.

* *

Маро аз ин аламҳо ҷон бисӯзад,
Вуҷудам баҳри мазлумон бисӯзад.
Ғарибам гарчи худ дар мулки Афғон,
Дилам бар миллати афғон бисӯзад.

* *

Худоё мулки Афғонро нигаҳ дор,
Ҳама қавми мусалмонро нигаҳ дор.
Парешонӣ дар ин ҷаъмаст ёраб,
Ту ин ҷамъи парешонро нигаҳ дор.

* *

Мусалмонон ватан вайрона то кай,
Ба пои ақли мо завлона то кай.
Ба мо бегонагон раҳме надоранд,
Зи ҷамъи дӯстон бегона то кай.

* *

Мусалмонон баҳам оед вақтаст,
Тариқи ақл паймоед вақтаст.
Чаро душман ба ҳам ҷамъасту яктан,
Каме андеша бинмоед вақтаст.

* *

Фалак то кишвари Афғонам овард,
Аз он ҷо то ба Покистонам овард.
Намедонам чӣ мехоҳад зи ҷонам,
Кунун то хиттаи Эронам овард.

Рубоиёт дар манотиқи гуногуни Афғонистон Покистн ва Эрон навишта шудааст. 1993-95.

**Рубоёт**

Дар тинати мо ба ҷуз табоҳӣ набувад,
Дар шаҳри гуноҳ бегуноҳӣ набувад.
Мо номаи худ чунон сияҳ кардастем,
Ҷуз фазли Худованд раҳоӣ набувад.
* * *
Мо хонаи худ миёни оташ кардем,
Осуда дили хеш мушавваш кардем.
Ё раб, ту бибахшо, ки ситамгоронем,
В-аз марҳаматат хотири худ х-ваш кардем.
* * *
Айёми гулу фасли ҷавонӣ бигузашт,
Эй дил ту бидони ё надонӣ бигузашт.
То чашм ба ҳам задем, дар базми вуҷуд,
Чун хобу хаёл зиндагонӣ бигузашт.
* * *
Эй дил ту асири нафси саркаш нашави,
Бо аҳли замона дар кашокаш нашави.
Шодиву ғами ҷаҳон ҳама дар гузараст,
Сарсону парешону мушавваш нашави.
* * *
Дар бодия рафтем ба дунболи сароб,
Дил ташнаи дидору ҷигар ташнаи об.
Мо гумшудагонем ба саҳрои вуҷуд,
Бар худ нарасидем, ту моро дарёб.
* * *
Ҳар чанд, ки моро зи гунаҳ парҳезаст,
Дар парда басе нақши шигифтангезаст.
Гаҳ аз дари хонақаҳ ба бутхона раҳаст,
Гоҳе зи калисо ба ҳарам даҳлезаст.
* * *
Як идда маро басе сутуданд, дурӯғ,

Дар дидаи ман наку намуданд, дурӯғ.
Гуё, ки ғам аз дилам зудуданд, дурӯғ,
Як руяву як забона буданд, дурӯғ.

* * *

Моро ба қазо панҷаву истез набуд,
Майле ба бутони фитнаангез набуд.
Ишқ омаду ақлу зуҳду парҳез бирафт,
Ё раб, чи кунам, ки ҷои парҳез набуд.

* * *

Моро зи ҷаҳон ҷуз ғаму озор набуд,
Сартосари ховарон ба ҷуз хор набуд.
Шодиву ғами замона дидем басе,
Ҷуз хобу хаёлу ваҳму пиндор набуд.

* * *

Моро зи хато дафтару девон сияҳаст,
В-аз гарди гунаҳ чеҳраи эмон сияҳаст.
Тарсам, ки ба ҳашр дар, сиёҳи борад,
Аз абри гуноҳи мо, ки онсон сияҳаст.

* * *

Ороми дили касону овораи хеш,
Сад чора ба дигарону бечораи хеш.
Шодии биҳишт ҳеҷ медонӣ чист?
Дарёфтани умри дигарбораи хеш.

* * *

Дар сина ба ҷуз оҳ намондаст, дареғ,
Ҷуз роҳи аҷал роҳ намондаст, дареғ.
Дар хирмани барбодшудаи умри азиз,
Ҳосил ба ҷуз аз коҳ намондаст, дареғ.

* * *

Ҳосил зи баҳори зиндагонӣ ҳама ғам,
Анҷоми нишоту комронӣ ҳама ғам.
Андеша зи умри рафта кардам рӯзе,
Пири ҳама андӯҳу ҷавонӣ ҳама ғам.

Бадкеш ҳарифе буду з-ин кеш нарафт,

Андешаи бад аз он бадандеш нарафт.
Ҳар чанд мувосову мадоро кардам,
Бо аҳли ғараз кори ман аз пеш нарафт.

Ту зони худиву мо чунин зони худем,
Бо мо маситез, мо парешони худеем.
Боре бишумар ту ҷурму исёни худат,
Мо низ ба шумори ҷурму исёни худем.

Бад кардаву аз рӯзи ҷазо нандешанд,
Сад дил шикананду аз бало нандешанд.
Худро зи азизони Худо бишморанд,
Биллаҳ ба Худо, ки аз Худо нандешанд.

Мо омадагонему зи катми адамем,
Дар доираи ҳудус аз бешу камем.
Бо худ чу расидем худобин гардем,
Зеро, зи таҷаллии сифоти қидамем.

Он ахгари тобанда, ки дар синаи мост,
Аз оташи иштиёқи деринаи мост.
Имсол ҳарончи ҳаст дар хирмани мо,
Аз ҳосили киштзори поринаи мост.

Овора шудам ба дашту саҳрои вуҷуд,
Андар талаби ҳалли муаммои вуҷуд.
Ин нуктаи сарбаста барам гашт аён,
Исботи адам бувад ба маънои вуҷуд.

## Водии сароб

Як идда, ки файласуфнамоӣ карданд,
Бо мардуми сода худситоӣ карданд.
Раҳ бар дари таҳқиқ набурда ҳаргиз,
Дар сурати илм жожхоӣ карданд.

Саргашта ба саҳрои китобанд ҳануз.
Дар бодия думболи саробанд ҳануз,
Яъне зи китоб раҳе ба ҳақ нобурда,
Аз шубҳаи худ дар изтиробанд ҳануз.

Як туда музахрафанду печидасухан,
Дуздида иборате зи ҳар кому даҳан.
Раҳгумзадаи бодияи ваҳму гумон.
Гаҳ аҳли таҷаддуданду гаҳ пири куҳан.

Аз доираи ҳавос норафта бурун,
Гӯё, ки муҳаққиқанд дар илму фунун.
Шолудаи дарку фаҳми ин булаҷабон,
Ваҳм асту гумон асту хаёл асту ҷунун.

Гар ҷазбаи Ҳақ ба илм ҳамраҳ набувад,
В-ар дил зи мақоми ишқ огаҳ набувад.
Устод-ш агар Арасту ё Пури Синост,
Гумраҳтар азу валлаҳу биллаҳ набувад.

Ҳайфаст, ки ойни вафо нашноси,
Бегона шавию ошно нашноси.
Гумроҳтар аз ту ба ҷаҳон кас набувад,
Аз илм агар раҳ ба Худо нашноси.

**Ба ҷои охирсухан**

Мо гумшудагонем ба саҳрои гуноҳ,
Вомонда зи корвону афтода зи роҳ.
Бар хоста аз миёна асбобу ъилал.
**«Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ».**

محمدی ها دیزاده نوید

# شرح 101 من الاحادیث النبویة

## نظما و نثرا

## مع

## التعلیقات

طـا جیـکسـتـا ن
د و شـنـبـه – 2009